# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# СТРАТЕГИЯИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА РУШДИ НИЗОМИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2030

**Душанбе – 2025**

**МУНДАРИҶА**

**1. ФИШУРДА......................................................................................6**

**2. МУҚАДДИМА...............................................................................10**

3. ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ ДАР ДАВРАИ ДАРОЗМУДДАТ........13

3.1. Мутобиқ намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ........................................13

3.2. Ҳамгироии технологӣ ва инноватсия....................................................14

3.3. Рушди низом ва ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагон................................14

3.4. Шарикии стратегӣ ва ҳамкорӣ..............................................................14

3.5. Баланд бардоштани салоҳияти касбӣ ва рушди истеъдодҳо.................15

3.6. Идоракунии хавфҳо ва суботи молиявӣ.................................................15

**4. ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТА.........................................................17**

4.1. Шарҳи низом.........................................................................................17

4.2. Рушди низом.........................................................................................21

4.3. Хизматрасониҳои суғуртавӣ..................................................................22

4.4. Суғуртаи ҳаёт........................................................................................24

4.5. Инноватсия ва таҳияи хизматрасониҳои суғуртавӣ...............................25

4.6. Самтҳои фурӯши хизматрасониҳои суғуртавӣ........................................26

4.7. Муҳити рақобат.....................................................................................27

4.8. Натиҷаҳои фаъолияти низоми суғурта..................................................29

4.9. Хулоса...................................................................................................30

4.10. Вазъи инфрасохтори технологӣ...........................................................30

**5. НАЗОРАТИ НИЗОМИ СУҒУРТА...................................................32**

5.1. Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ.......................................................................32

5.1.1. Тағйирот ба қонунгузорӣ аз соли 2018.................................................34

5.1.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ки моҳи марти соли 2024 қабул гардидааст...............................39

**6. ТАҲЛИЛИ SWOT............................................................................40**

6.1. Чорабиниҳои қавию заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳое, ки пешорӯйи низом қарор доранд........................................................................................40
6.2. Самтҳои қавӣ........................................................................................40
6.3. Самтҳои заиф........................................................................................41
6.4. Имкониятҳо........................................................................................41
6.5. Таҳдидҳо........................................................................................42

**7. ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ........................................................................................43**
7.1. Инноватсия ва диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ..........43
7.2. Ислоҳоти танзим ва татбиқи сиёсати пайгирона..................................44
7.3. Устувории низом........................................................................................45
7.4. Рушди низоми суғурта ва рақобати солим..............................................45
7.5. Идоракунии корпоративӣ........................................................................45
7.6. Дастрасӣ ба деҳот ва минтақаҳои дурдаст, ки ба қадри кофӣ хизматрасонӣ намешаванд........................................................................................46
7.7. Саводнокии молиявӣ ва омӯзонидани истеъмолкунандагонни хизматрасониҳои суғуртавӣ........................................................................................46
7.8. Таҳаввулоти рақамӣ........................................................................................46
7.9. Баланд бардоштани сатҳи тахассус ва салоҳияти касбӣ..........................47
7.10. Ҳамкории байналмилалӣ ва табодули таҷриба........................................47

**8. ХАРИТАИ РОҲ........................................................................................49**
8.1. Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳияи қонунгузорӣ..................................49
8.2. Рушди низом ва диверсификатсия........................................................50
8.3. Рушди технологияҳои муосир........................................................................51
8.4. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва саводнокии молиявӣ.........51
8.5. Такмили ихтисос ва рушди салоҳияти касбӣ..........................................52
8.6. Шарикӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ........................................................52
8.7. Мониторинг, арзёбӣ ва тасҳеҳ........................................................................52
8.8. Нақшаи амал барои мувофиқасозии харитаи стратегии роҳ..............53

**9. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГӢ........................................................59**

9.1. Афзоиши сатҳи фарогирӣ ва воридшавӣ ба низом................................59
9.2. Афзоиши диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ..................60
9.3. Такмили раванди пардохту ҷубронҳои суғуртавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт........................60
9.4. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ..................................................61
9.5. Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ...........................................................62
9.6. Баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва омӯзонидани хизматрасониҳои суғуртавӣ...........................................................................62
9.7. Истифодаи технологияҳои муосир барои беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо........................................................................................63
9.8. Мусоидат ба рушди низоми суғуртаи рақобатпазир ва устувор..........64
9.9. Таъмини устувории низоми суғурта.........................................................64
9.10. Такмили иқтидори инсонӣ ва салоҳияти касбӣ....................................65
9.11. Баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ...........................................................................66
9.12. Мусоидат барои дастрасӣ ба низомҳои суғуртаи байналмилалӣ ва истифодаи амалияи пешрафта.....................................................................66
**10. МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ТАТБИҚ.............................................................67**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

БОР - Бонки Осиёии Рушд

ММД - Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ

БАТР - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

ИА - Иттиҳоди Аврупо

ВКХҶТ - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМҶТ - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

СБҲМ - Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ

БМТ - Бонки миллии Тоҷикистон

СҲҶМҲСВН - Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт

ЗМС - Захираҳои мукофоти суғуртавии бадастнаомада

КТ - Кумаки техникӣ

млн - миллион

## ПЕШГУФТОР

Ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди миёнамуҳлати бахши суғуртаи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, татбиқи ислоҳоти соҳаи суғуртаи мамлакатро бо дарназардошти Принсипҳои Асосии Суғурта ва таҷрибаи муваффақи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон пешбинӣ менамояд.

Барои таҳияи ин ҳуҷҷат лоиҳаи кумаки техникии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ҷалб гардида, соҳаи суғуртаи мамлакат аз ҷониби коршиносони байналмилалии ширкати консалтингии «TA Consult Partners Ltd» мавриди таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шуд. Дар натиҷа ҳуҷҷати стратегии соҳа омода ва барои корбарии минбаъда ба БМТ пешниҳод карда шудааст. Ҳамаи хулосаҳои дар ҳуҷҷати мазкур ифодаёфта дар асоси ақида ва таклифу пешниҳодҳои бевоситаи ташкилотҳои суғуртавии кишвар ва мақоми назорати суғуртавӣ бароварда шуда, дар он вазъи ҷорӣ, дастовардҳо ва мушкилиҳои мавҷудаи соҳа дарҷ гардидаанд.

Мақоми назорати суғуртавӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ бахри рушди босуботи соҳаи суғуртаи мамлакат, ки ба сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ва устувории низоми молиявӣ дар умум таъсир мерасонад, ҳуҷҷати стратегии мазкурро таҳия намуда, барои амалишавии он дар доираи салоҳият ва имкониятҳои мавҷуда чораҳои зарурӣ меандешад.

Стратегия барои истифодаи дохилии БМТ пешбинӣ гардида, метавонад аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи мамлакат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд мавриди истифода қарор гирад. Ҳуҷҷати мазкурро ҳамчун замина барои таҳияи стратегияи умумиҳатмии ҷумҳуриявӣ низ истифода бурдан мумкин аст. Қабл аз нашр ё бознашри ин ҳуҷҷат, бенефитсиарро зарур аст бо БМТ машварат карда, розигӣ барои истифода ва ифшои онро ба даст орад.

## 1. ФИШУРДА

Соҳаи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастуру супоришҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифт ва барои рушду нумуи он соли 2014 дар ҷаласаи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта масъалаи «Рушди бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳлил ва тавсияҳо" баррасӣ гардид. Аз натиҷаи ҷаласаи Шуро қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №788 қабул гардид ва қисми асосии бандҳои нақшаи чорабиниҳо мавриди амал қарор гирифта, иҷрои қисми дигари он бо сабабҳои объективию субъективии гуногун дар сатҳи кофӣ таъмин нагардид.

Яке аз самтҳои асосии ислоҳоти банақшагирифташуда ба БМТ вогузор намудани ваколати назорати суғуртавӣ ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба ин, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, №408 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 ваколати назорати суғуртавӣ ба БМТ вогузор гардид ва дар доираи имкониятҳои мавҷуда БМТ ислоҳоти соҳаи суғуртаро роҳандозӣ намуд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда соҳаи суғуртаи мамлакат давра ба давра беҳтар гардида, айни замон дар марҳилаи рушд қарор дорад ва метавонад дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ба рушди низоми молиявии мамлакат тавсеа бахшида, тавассути таъсири занҷиравӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳмгузор бошад.

Татбиқи тадбирҳои пешбинишуда ба вазъи ҳимояи иҷтимоию молиявии шаҳрвандон беҳбудӣ бахшида, метавонад ҳифзу ҳимояи зиндагии оянда онҳоро таъмин намояд. Айни замон, иқтидори низоми суғурта дар ҷумҳурӣ ба таври кофӣ истифода намешавад, ки ин ба сатҳи нокифояи фарогирии суғуртавӣ, норасоии мутахассисони касбӣ, номукаммал будани механизми ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, мавҷуд набудани филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии низомсоз дар минтақаҳои дурдаст, маҳдуд будани хизматрасониҳои

суғуртавӣ, мавҷудияти рақобати носолим дар намудҳои асосии суғурта, пурра ташаккул наёфтани раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ тибқи СБҲМ, сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ ва нобоварӣ ба соҳаи суғурта ва нокифоя будани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ вобастагӣ дорад.

Бо дарназардошти мушкилоти зикршудаи низоми суғурта дар Стратегияи миёнамуҳлати мазкур Нақшаи чорабиниҳои амалисозӣ таҳия шудааст, ки муҳлат ва роҳҳои татбиқи амалии чорабиниҳоро дар давоми солҳои 2026-2030 пешбинӣ менамояд. Иҷрои босифат ва сариваќтии Нақшаи чорабиниҳои амалисозӣ метавонад низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба марҳилаи нави рушд бароварда, ба яке аз низомҳои муосир ва рақобатпазири иқтисодиёти миллӣ табдил диҳад.

Стратегия ба таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи ҷории низоми суғурта асос ёфта, паҳлуҳои мусбату манфӣ, имкониятҳо ва хавфҳои мавҷудаи соҳаро дар бар мегирад. Ҳуҷҷати мазкур бо дарназардошти вазъи воқеии низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ таҳия шудааст, ки натиҷабахш ва имконпазир будани ташаббусҳои пешниҳодшавандаро ифода менамояд.

Ҳадафҳои стратегии муайяншудаи ин ҳуҷҷат бевосита ба ҳалли мушкилоти асосии низоми суғурта равона гардида, метавонад дар ояндаи наздик соҳаро ба марҳилаи нави рушд ворид созад. Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати дастгирии рушди низом ва таъмини ҳифзи манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсони воқеию ҳуқуқӣ, диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ бо мақсади қонеъ гардонидани ниёзҳои қишри васеи ҷомеа, истифодаи технологияҳои муосир барои васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, рақамикунонии бомароми низоми суғурта, роҳандозии чорабиниҳои таълимию омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифатнокӣ дар соҳаи суғурта ва эътимоди аҳолӣ ба низоми суғурта аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ҳадафҳои асосии стратегии низоми суғурта дар ҷадвали зерин оварда шудаанд:

| ҲАДАФҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГӢ | |
|---|---|
| 1. | ИСЛОҲОТИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМУ НАЗОРАТИ НИЗОМИ СУҒУРТА |
| 2. | РАҚОБАТПАЗИРИИ НИЗОМ ВА СТРАТЕГИЯИ РУШДИ УСТУВОР |
| 3. | БЕҲТАР НАМУДАНИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ |
| 4. | ЧОРАБИНИҲОИ ОМӮЗИШӢ ОИД БА САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ВА МАЪРИФАТИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ |
| 5. | ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ СУҒУРТАИ РАҚАМӢ |
| 6. | БАРНОМАИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТ ВА САЛОҲИЯТИ КАСБӢ |
| 7. | БАРНОМАИ ИННОВАТСИЯ ВА ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ |
| 8. | БАРНОМАИ ДАСТРАСИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ДУРДАСТ |
| 9. | БАРНОМАИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА |

Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои ишорашуда ҳуҷҷати стратегии мазкур нақшаи амалро дар бар мегирад, ки дар он самтҳои стратегӣ, ҳолати ҷорӣ, номгӯйи чорабиниҳо, ҳадаф (беҳгардонӣ), механизми татбиқ, натиҷагирӣ, иҷрокунанда ва мухлатҳо мушаххас карда шудаанд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи амали стратегия имконияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ҳангоми тағйирёбии вазъи ҷорӣ ё таъсири омилҳои берунӣ ба фаъолияти суғуртавӣ ҷой дошта, дорои нишондиҳандаҳои самаранокӣ, инчунин низоми муътамади мониторингу арзёбӣ мебошад.

Натиҷаҳои пешбининамудаи стратегияи мазкур душворрас бошанд ҳам, вале ноил шудан ба онҳо имконпазир аст. Онҳо афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои фарогирӣ ва зичии суғуртавӣ, ташаккули низоми гуногунсамт ва рақобатпазире, ки ба шароити Тоҷикистон мутобиқ буда, доираи васеи хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод менамояд, инчунин ташаккули низоми суғуртаи устувор барои мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва сатҳи иҷтимоию некуаҳволии аҳолии кишварро дар бар мегиранд.

Стратегияи мазкур роҳҳои мушаххасу муассири дурнамои рушди миёнамуҳлати низоми суғуртаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд. Он ҷонибдорӣ ва ҳамкории ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, БМТ ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва аҳли ҷомеаро барои бунёд ва пешбурди низоми суғуртаи нисбатан фарогиру муосир, самаранок, боэътимод, ҷавобгӯ ба ниёзҳои ҷомеа ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд.

## 2. МУҚАДДИМА

Ин ҳуҷҷати стратегии миёнамуҳлат масъалаҳои гуногунҷанбаи низоми суғуртаи кишварро матраҳ намуда, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи низоми суғурта бо ҷалби кумаки техникӣ таҳия шудааст. Ҳуҷҷати мазкур масъалаҳоеро баррасӣ менамояд, ки барои таҳияи стратегияи миёнамуҳлати рушди низоми суғурта муҳим арзёбӣ мегарданд.

Низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дошта, нишондиҳандаҳои асосии соҳа, аз ҷумла суғурта ба сари аҳолӣ, фарогирии суғуртавӣ, огоҳии истеъмолкунандагон ва муҳити танзимкунанда тавсиф мешаванд, ки дар оянда дорои имкониятҳои васеи рушд мебошанд. Дар низоми суғуртаи миллӣ як қатор мушкилиҳое мавҷуданд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ бо онҳо рӯ ба рӯ ҳастанд ва ин ҳолат ба рушди соҳа монеъ мегардад.

Яке аз сабабҳои асосии ин мушкилот дар сатҳи паст қарор доштани масъалаи огоҳию фаҳмиши суғурта ва афзалиятҳои он дар байни ҷомеа мебошад, ки истифода ва барои ҳифзу ҳимояи манфиатҳои худ равона намудани онро аз ҷониби шаҳрвандон маҳдуд шудааст. Омили дигари муҳим сатҳи ниҳоят пасти боварии аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад, ки ба сифати хизматрасонӣ ва таносуби пардохту ҷубронҳои умумӣ вобастагии амиқ дорад. Набудани эътимоду боварии аҳолӣ асосан ба сатҳи хеле ночизи пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ (фоизи мукофотҳои суғуртавие, ки барои пардохтҳои суғуртавӣ истифода мешаванд), бахусус барои суғуртаи нақлиёти автомобилӣ (ҳатмӣ ва ихтиёрӣ) вобаста аст. Яъне, ин маънои онро дорад, ки суғурташавандагон аз хизматрасониҳои

суғуртавӣ хеле манфиати кам ба даст меоранд. Таҳлилҳо маълум намуданд, ки баррасии даъвоҳои суғурташавандагон маъмулан дар сатҳи паст қарор дошта, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ маҳдуд аст.

Мушоҳидаҳо маълум намуданд, ки сарфи назар аз кам будани хароҷоти амалиётӣ (пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ) барои рӯйпӯш намудани зиёну зарарҳои баамаломада дар низоми суғуртаи кишвар меъёри хароҷоти идоравӣ хеле баланд мебошад, ки мақсаду маром ва функсияҳои асосии ташкилотҳои суғуртавиро ифода намекунад.

Андешаи маъмуле вуҷуд дорад, ки маъракаҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии истеъмолкунандагон дар бораи хизматрасониҳои суғуртавӣ бахри таъмини рушди низом иқтидори бузург дар ихтиёр доранд ва онҳо метавонанд барои бештар огоҳ гардидани аҳолӣ хизмат намоянд. Бо вуҷуди ин, бидуни эътимоди истеъмолкунандагон чунин маъракаҳо эҳтимолан ноком мешаванд ё самараи дилхоҳ намедиҳанд.

Барқарор кардани эътимоди аҳолӣ бо мурури замон ба баланд гардидани меъёри нисбатан баландтари пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ, кам намудани мӯҳлати баррасиву амалинамоии пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ва муносибати касбӣ бо суғурташавандагон вобастагии зиёд дорад, ки аз як тараф, ба ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон таъсир расонида, аз тарафи дигар, сатҳи огоҳӣ ва боварии аҳолиро ба таври назаррас афзун менамояд.

Омили дигари муҳимме, ки рушди низоми суғуртаро бозмедорад, набудани пешниҳод ва фурӯши воситаҳои муосири хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад. Такя кардан ба модели анъанавии агенти суғуртавӣ ба густариши босуръати низоми суғурта чандон мусоидат намекунад. Зарур аст, ки роҳҳои нави фурӯш, аз ҷумла фурӯши хизматрасониҳои суғуртавӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дигар иштирокчиёни низоми молиявӣ, инчунин фурӯши фосилавии хизматрасониҳои суғуртавӣ бо истифода аз платформаҳои муосири рақамӣ густариш дода шаванд.

Дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии соҳаи суғуртаи умумӣ нисбат ба соҳаи суғуртаи ҳаёт бештар истифода шуда, соҳаи суғуртаи ҳаёт, ки дар ҷаҳони муосир яке аз маъмултарин намудҳои суғурта ба ҳисоб меравад, тақрибан аз байн рафтааст. Масалан, дар соли 2024 ҳиссаи суғуртаи ҳаёт ҳамагӣ 0,34 фоизи ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавии низоми суғуртаро ташкил додааст.

Хизматрасонии суғуртаи ҳаёт маъмулан аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ бо мақсади сармоягузории дарозмуддат ва гирифтани даромад ба роҳ монда мешавад, ки аз соҳаи суғуртаи умумӣ бо ин хусусияташ фарқ менамояд. Яъне, маблағҳои суғуртавии ҷамъоваришуда хусусияти ба суғурташавандагон баргарданда дошта, сармоягузорӣ намудани онҳо маҳаки асосии ин намуди суғурта маҳсуб меёбад.

Бинобар сабаби набудани воситаҳои дастрас дар бозори молиявӣ ва маҳдуд будани имкониятҳои сармоягузории устувор ва дарозмуддат ташкилотҳои суғуртавӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд ва захираҳои суғуртавиро барои муддати тулонӣ сармоягузорӣ карда наметавонанд, ки ин шарти ҳатмӣ барои пешбурди дурусти суғуртаи ҳаёт мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки айни замон имконияти сармоягузории дарозмуддат дар низоми молиявии кишвар ҳудуди ду солро ташкил медиҳад.

Мушкилоти дигари соҳа норасоии мутахассисони соҳаи суғурта дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, ин омил низ барои рушди минбаъдаи соҳа маҳдудиятҳо эҷод менамояд.

Боиси зикр аст, ки ваколатҳои маҳдуди мақоми назорати суғуртавӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии суғурташавандагон дар ҳолати муфлисшавӣ ё бозхонди иҷозатномаи ташкилотҳои суғуртавӣ боиси боз ҳам кам шудани эътимоди суғурташавандагон ба низоми суғурта гардидааст. Илова бар ин, дар ҷумҳурӣ мавҷуд набудани фонд ё пулҳои кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, хусусан Фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, омили дигаре мебошад, ки ба рушду такомули соҳа таъсири манфӣ дорад. Набудани чунин ташкилот ба коҳиш ёфтани эътимоду боварии аҳолӣ ба низоми суғурта мусоидат карда истодааст.

Стратегияи миёнамуҳлат барои рушди ҳама соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла низоми суғурта, аҳаммияти ҳалкунанда дошта, ҳамчун механизми пайвандкунанда байни амалҳои кӯтоҳмуддат ва ҳадафҳои дарозмуддат хизмат менамояд ва равиши сохториро барои ноил шудан ба рушди устувор ва ҳалли масъалаҳои соҳавӣ таъмин менамояд.

Стратегия барои ҳалли масъалаҳои муҳим ва мушкилоте, ки низоми суғурта ба онҳо дучор мешавад, аз ҷумла сатҳи пасти фарогирии суғуртавӣ, маҳдуд будани гуногунии хизматрасониҳои суғуртавӣ, норасоии мутахассисони касбии соҳа, номукаммал будани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, пурра таъмин набудани ҳифзи манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, истифода нашудани технологияҳои муосир, сатҳи ночизи рақамикунонии соҳа, маҳдуд будани чорабиниҳои таълимию омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи тахассуси мутахассисон ва мавҷудияти рақобати носолим дар низоми суғурта равона гардида, набояд ҳадафҳои дарозмуддати стратегии соҳавиро, аз қабили васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва устуворӣ ба дигаргуниҳои иқтисодӣ сарфи назар намояд. Корбарии мутавозин имкон медиҳад, ки қарорҳои кӯтоҳмуддат оид ба ҳалли мушкилоти мавҷуда қабул гарданд ва устувории дарозмуддати соҳаро зери хатар нагузоранд.

## 3. ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ ТАВАССУТИ ДУРНАМОИ МИЁНАМУҲЛАТ ВА ДАРОЗМУДДАТ

Стратегияи миёнамуҳлат ба самтҳои асосии зерин равона шудааст:

### 3.1. Мутобиқ намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ

Низоми суғурта зери таъсири санадҳои меъёрии ҳуқуқие қарор дорад, ки вобаста ба дигаргуниҳои иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ тағйир меёбанд. Стратегияи миёнамуҳлат метавонад сохтори тағйирпазиреро фароҳам орад, ки он ба дигаргуниҳои иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ шуда, сатҳи мувофиқи низомро ба талабот ва рақобатпазирии он таъмин намояд. Стратегия ҳамзамон барои такмили раванди танзиму назорат тибқи стандартҳои байналмилалӣ замина фароҳам месозад.

### 3.2. Ҳамгироии технологӣ ва инноватсия

Технологияҳои муосир босуръат тараққӣ карда, метавонанд ба рушди низоми суғурта бо истифода аз автоматикунонии равандҳо ва зеҳни сунъӣ таъсири назаррас расонанд. Стратегияи миёнамуҳлат барои ҳамгироии бомарому стратегии технологияҳои муосир имкон фароҳам оварда, самаранокӣ, сифати хизматрасонӣ ба суғурташавандагон ва идоракунии хавфҳоро беҳтар месозад.

### 3.3. Рушди низом ва ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагон

Омӯзиши низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ҷалби истеъмолкунандагон равандест, ки кӯшишу заҳмати доимиро талаб мекунад. Стратегияи миёнамуҳлат ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, эътимод ва фаҳмиш оид ба хизматрасониҳои суғуртавӣ дар байни аҳолӣ нигаронида шуда, барои ҷалби бештари истеъмолкунандагон ва афзоиши сатҳи фарогирӣ дар низоми суғурта муҳим мебошад. Таъсиси Фонди кафолати пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ яке аз заминаҳои муҳимми ин стратегия маҳсуб ёфта, рушди босуботи низом, дастгирии фаъолияти суғуртавӣ ва устувории дарозмуддати низоми суғуртаи мамлакатро таъмин менамояд.

### 3.4. Шарикии стратегӣ ва ҳамкорӣ

Ба роҳ мондани муносибат ва ҳамкориҳои шарикӣ бо таҳвилгарони технологияҳои соҳавӣ, ташкилотҳои азнавсуғуртакунии байналмилалӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор равиши стратегиро талаб мекунад. Стратегияи миёнамуҳлат барои муайянсозӣ, муҳокима ва рушди муносибату ҳамкорӣ бо мақсади ҷалби таҷриба, навоварӣ ва сармоягузорӣ ба низом равона шудааст. Тавсеаи дастрасии низоми суғуртаи миллӣ дар ташаккули фазои суғуртаи байналмилалӣ ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирӣ, ҳавасмандгардонии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ва рушди фаъолияти суғуртавӣ дар мамлакат нақши муҳим дорад.

### 3.5. Баланд бардоштани салоҳияти касбӣ ва рушди истеъдодҳо

Сармояи инсонӣ ҷузъи муҳимми рушди низоми суғурта маҳсуб меёбад. Маблағгузории мунтазам барои омӯзиш, рушд ва ба даст овардани истеъдодҳо зарур мебошад ва стратегияи миёнамуҳлат метавонад кафолат диҳад, ки ин талошҳо бо ниёзҳои тағйирёбандаи низом мутобиқ гардида, ба такмили сатҳи касбият ва тахассуси мутахассисони низоми суғурта мусоидат намояд. Баъзе аз ҷанбаҳои афзоиши иқтидори ташкилотҳои суғуртавӣ дар «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» пешбинӣ шуда, ин ҳуҷҷати стратегӣ бошад ба таври возеҳ ва мушаххас чорабиниҳоро дар самти омода кардани мутахассисони соҳа пешбинӣ намудааст.

### 3.6. Идоракунии хавфҳо ва суботи молиявӣ

Хусусияти низоми суғурта идоракунии самараноки хавфҳоро барои таъмини суботи молиявӣ ва пардохтпазирӣ талаб менамояд. Стратегияи миёнамуҳлат имкон медиҳад, ки моделҳои пешрафтаи арзёбии хавфҳо таҳия ва татбиқ гардида, кифоятии сармоя ба нақша гирифта шавад ва дар ҳолатҳои фавқулода барои тобоварӣ бо дигаргуниҳои иқтисодӣ меъёрҳои стратегия истифода гардад. Дар ин раванд таъмини сифати баланди дороиҳо ва ҷойгиркунии самараноки онҳо нақши муҳим дорад. Ин мониторинг ва арзёбии мунтазами арзиши дороиҳо ва хавфи ба онҳо алоқамандро барои беҳтар намудани диверсификтсияи дороиҳо, таъмини пардохтпазирӣ ва суботи молиявии дарозмуддат дар назар дорад.

Ҳадафи ин стратегияи миёнамуҳлат ҳалли масъалаҳои ҷорӣ ва истифодаи имкониятҳо буда, маҷмуи афзалиятҳои мушаххас ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозиро муайян мекунад. Ҳамоҳангсозии амалҳои кӯтоҳмуддати марбут ба масъалаҳои дар «Ҳисобот оид ба натиҷаҳои ташхиси вазъи низоми суғурта дар Тоҷикистон» муайяншуда бо ҳадафҳои дарозмуддат ва тадқиқоти дар соҳаи суғурта анҷомдодашуда ҳадафи асосии он мебошад, ки барои омӯзиши эҳтиёҷот ва хоҳиши истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ нигаронида шудаанд. Чунин равиш рушди устувори минбаъдаи низом ва қобилияти қонеъгардонии эҳтиёҷот ва

хоҳиши истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавиро кафолат медиҳад.

Масъалаҳои асосие, ки дар «*Ҳисобот оид ба натиҷаҳои ташхиси вазъи низоми суғурта дар Тоҷикистон» баён шудаанд, инҳо мебошанд:*

1) **Меъёри пасти пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ:** низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи паст ва хатарноки меъёри пардохту ҷубронҳои суғуртавиро доро мебошад, ки дар натиҷа мушкилиҳои бо раванди муроҷиати суғурташавандагон, арзёбии зарарҳо, баҳодиҳӣ, баррасии саривақтӣ ва амалигардонии аризаву даъвоҳои алоқамандро ба миён меорад.

- **Дурнамои дарозмуддат:** такмили раванди муроҷиат ва батанзимдарории аризаву даъвоҳо, инчунин ба роҳ мондани қабули автоматикунонидашудаи пешниҳоди аризаву даъвоҳои баамаломадаи суғурташавандагон, ки метавонад муҳиммияти суғуртаро ба истеъмолкунандагон дуруст фаҳмонад.

2) **Хароҷоти зиёд барои пешбурди фаъолият:** ҳангоме ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хароҷот оид ба ҷалби муштариёнро (мукофотпулиҳои комиссионӣ) ба андозаи то 35,0 фоиз аз мукофоти суғуртавӣ муқаррар намудаанд, вале меъёри умумии хароҷоти низом 59,0 фоизро дар соли 2024 ташкил медиҳад, ин нишондиҳанда нигаронкунанда мебошад.

- **Дурнамои дарозмуддат:** кам кардани хароҷотҳои дуюмдараҷа ва беасоси ташкилотҳои суғуртавӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти суғуртавӣ.

3) **Инҳисори баланд дар намуди суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт:** мавҷудияти инҳисори баланд дар намуди суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки рақобати солимро аз байн бурда, дар натиҷа ба намуди суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиёт ва дигар намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ таъсири манфӣ расонидааст. Таъсири омили

инҳисорӣ ба суғуртакунии дубораи воситаҳои нақлиёт барои нуфузу эътибори соҳа хавф эҷод намудааст.

- **Дурнамои дарозмуддат:** таъмини рақобати солим, аз байн бурдани суғуртакунонии дубора ва зиёд намудани иштирокчиёни воқеии намуди суғуртаи ҳатмии воситаҳои нақлиёт дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4) **Мушкилотҳо дар танзими ҳолати эътироф ва ҳисоб кардани захираҳои суғуртавӣ:**

- набудани имкониятҳои сармоягузории дарозмуддати захираҳо;
- норасоии иқтидори фаннӣ дар низоми суғуртаи Тоҷикистон;
- набудани актуариҳои суғуртавӣ;
- ннкишоф наёфтани соҳаи азнавсуғуртакунӣ;
- сатҳи нокифояи ҳифзу ҳимояи истеъмолкунандагон;
- суст инкишоф ёфтани бозори миёнаравӣ;
- сатҳи пасти огоҳӣ ва фаҳмиши аҳолӣ оид ба хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- номгӯйи маҳдуди хизматрсониҳои суғуртавии фаъол.

# 4. ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТА

## 4.1. Шарҳи низом

### Ҳаҷми низом, воридшавӣ ва фарогирии суғуртавӣ

Низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз сатҳи рушд тибқи аксар нишондиҳандаҳои асосӣ, аз ҷумла ҳаҷми низом, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, огоҳии истеъмолкунандагон ва эътимоди мардум хеле ночиз ва сусттараққикарда боқӣ мемонад.

**Фарогирии суғуртавӣ дар Тоҷикистон, ки бо таносуби мукофоти суғурта ба ММД ҳисоб карда мешавад, дар сатҳи паст қарор дошта, аз 0,39 фоизи соли 2017 то ба 0,27 фоиз дар соли 2024 коҳиш ёфтааст.** Суғуртаи ҳаёт бошад, дар низоми суғурта раванди коҳишёбӣ дошта, аз 1,5 фоизи ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавӣ дар соли 2017 ба 0,3 фоиз дар

соли 2024 расидааст ва ин раванд идома дорад. Мукофоти суғуртавӣ ба сари аҳолӣ дар соли 2024 ба 39,2 сомонӣ (тақрибан 3,6 доллари ИМА) баробар мебошад.

Дар давоми солҳои 2017-2024 дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, ба истисноi соли 2020, тамоюли устувори афзоишро нишон дода, ба 901,5 млн сомонӣ расиданд. Қобили зикр аст, ки ин самти мусбат натиҷаи талошҳо ва тадбирҳои анҷомдодаи БМТ ҳамчун мақомоми назорати суғуртавӣ буда, андешидани чораҳои муассири дастаҷамъонаи мақомоти дахлдори давлатиро тақозо менамояд. Сарфи назар аз тағйирот, таносуби дороиҳо нисбат ба ММД дар ин давра нисбатан муътадил боқӣ монда, дар ҳудуди аз 0,48 фоиз то 0,59 фоиз қарор дошт, ки рушди устувори бахши суғуртаро дар иқтисодиёт дар маҷмуъ инъикос мекунад (диаграммаҳои 1 ва 2).

***Диаграммаи 1. Дороиҳо ва таносуби онҳо нисбат ба ММД***




***Диаграммаи 2. Мукофотҳои суғуртавӣ ва суғурта ба сари аҳолӣ***




*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

Дар маҷмуъ, дар давраи солҳои 2018-2024 фаъолияти низоми суғурта пайваста бо фоида ҷамъбаст гардидааст, ки ин раванд дар диаграммаи 3 ифода ёфтааст.

*Диаграммаи 3. Мукофотҳои суғуртавӣ ва фоидаи софи низом*




*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

## Назорати низоми суғурта

Соли 2017 дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, №408 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 ваколати назорати суғуртавӣ аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба БМТ гузаронида шуд. БМТ дар доираи имкониятҳои мавҷуда ислоҳоти соҳаи суғуртаро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷаи чораҳои андешидашуда соҳаи суғуртаи мамлакат давра ба давра беҳтар шуда, назорати низоми суғурта устувор ва ба таҷрибаи муосир мутобиқ гардид. Дар ин давра барои ислоҳот ва такмили низоми суғурта чораҳои муҳим андешида шуданд, ки боиси муттаҳидшавии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ва ҷорӣ гардидани қоидаҳои зарурӣ барои таҳкими минбаъдаи он гардид.

То замони ба БМТ вогузор гардидани ваколатҳои назорати суғуртавӣ заминаи қонунгузории танзимкунандаи низоми суғурта нокифоя ба ҳисоб рафта, аксари қонуну қоидаҳо аз солҳои 90-уми асри гузашта инҷониб бозбинӣ нагардида буданд. Танҳо ду қонун ва як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд буданд, ки асосан намудҳои суғуртаи ҳатмӣ

ва ҳатмии давлатиро ба танзим медароварданд. Соли 2017 БМТ ҳамчун танзимгари нави низоми суғурта ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда шуруъ намуд. Дар натиҷа, то охири соли 2024 дар низоми суғурта се қонун, як фармон, ду талабот, се тартиб ва се шакл мавриди корбарӣ қарор гирифта, то андозае заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми суғуртаи мамлакатро мукаммал намуданд.

Дар ин росто, барои таҳкими заминаи сармоя ва зиёд кардани қобилияти пардохтпазирии низом тавассути таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулкардаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), инчунин бо роҳи таҳлил ва санҷиш дар маҳалҳо иқдомҳои назаррас амалӣ гардиданд. Сарфи назар аз маҳдуд будани шумораи кормандон, идораи назорати суғуртавии БМТ дар маҳалҳо санҷишҳои ҳамаҷонибаро анҷом дода, харитаи хавфҳои мушкилоти мавҷударо дар низоми суғуртаи кишвар таҳия ва дар асоси он чораандешӣ намуд.

Бо вуҷуди пешравиҳои назаррас, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам камбудиву норасоиҳои соҳавӣ ҷой доранд, ки рафъи онҳо барои субот ва рушди низоми суғурта хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Яке аз ин мушкилот набудани заминаи мукаммали меъёрии ҳуқуқӣ, ки тибқи стандартҳои байналмилалӣ идоракунии захираҳои суғуртавиро ба танзим медарорад, ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон талаботи мушаххаси танзимкунандае вуҷуд надорад, ки пешгирии ҳадди аксар ё ҳадди ақали хавфро дар фаъолияти суғуртавӣ муайян кунад. Ҳамчунин қоидаҳои азнавсуғуртакунӣ, ки тасмимҳои идоракунии хавфҳоро дар дохили ташкилотҳои суғуртавӣ муайян менамоянд, таҳия нашудаанд. Дар натиҷа, шакли анъанавии азнавсуғуртакунӣ ночиз буда, амалан дар сатҳи зарурӣ дар қаламрави

ҷумҳурӣ вуҷуд надорад ва амалияи интиқоли хавфҳо ба азнавсуғуртакунӣ (фронтинг) истифода мешавад.

### 4.2. Рушди низом

Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ташкилоти суғуртавӣ фаъолият мекунанд, ки аз онҳо танҳо як ташкилот барои анҷом додани амалиёти азнавсуғуртакунӣ иҷозатнома дорад. 14 ташкилоти суғуртавӣ ба суғуртаи умумӣ, ду ташкилоти суғуртавӣ ба суғуртаи ҳаёт машғул мебошанд. Аз 16 ташкилоти суғуртавӣ, ки феълан дар низом фаъолият мекунанд, як ташкилоти суғуртавӣ давлатӣ, 15 ташкилоти суғуртавӣ ғайридавлатӣ буда, 3 ташкилоти ғайридавлатӣ бо сармоягузории хориҷӣ (як ташкилоти суғуртавӣ қисман бо сармоягузории Федератсияи Россия ва ду ташкилоти суғуртавӣ пурра бо сармоягузории Ҷумҳурии Мардумии Чин) таъсис дода шудаанд.

Дар асоси таҳлилҳои муфассал ва ҳисобкунии ҳамаи нишондиҳандаҳои самаранокии низом, фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилшуда (2018-2024) фаъолияти фоидаовар маҳсуб ёфтааст. Соли 2024 меъёри хароҷоти умумии низом 62,0 фоиз, аз ҷумла меъёри пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 6,9 фоиз ва хароҷоти идоравӣ 55,1 фоизро ташкил дод.

Чунин меъёри ками пардохту ҷуброни суғуртавӣ, мутаассифона, нишон медиҳад, ки суғурташавандагон аз доштани полиси суғуртавии худ баҳра ё фоидаи зиёд нагирифтаанд. Дар баробари ин, меъёри хароҷотҳои идоравӣ дар низом хеле баланд мебошад ва ин нишондиҳанда дар байни ташкилотҳои суғуртавӣ ба таври назаррас фарқ карда, дар баъзе мавридҳо ба 85,0 фоиз мерасад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 намуди суғуртаи ҳатмӣ амал менамояд, ки намуди суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт қисми асосии онҳоро ташкил медиҳад. Ин намуди суғурта 98,3 фоизи намудҳои суғуртаи ҳатмиро дар қаламрави ҷумҳурӣ ташкил дода, барои амалисозии он 5 ташкилоти суғуртавӣ иҷозатномаи дахлдор доранд. Аммо, 98,7 фоизи ин намуди суғурта аз ҷониби танҳо ду

ташкилоти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад. Меъёри пардохту ҷуброни суғуртавӣ дар ин намуди суғурта дар сатҳи паст қарор дошта, дар соли 2024 ҳамагӣ 0,7 фоизро ташкил дод, ки нишондиҳандаи пасттарин дар минтақа ва ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки диққати махсусро тақозо менамояд.

Дар низоми суғуртаи Тоҷикистон амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ кам ба назар расида, асосан барои интиқоли қисми асосии хавфҳои намуди суғуртаи корҳои сохтмонӣ ва васлгарӣ дар шакли интиқоли пурраи хавф ба азнавсуғуртакунӣ (фронтинг) истифода мешавад. Меъёри нигоҳдории мукофоти суғуртавӣ дар соли 2024 дар низом 74,0 фоизро ташкил дод.

### 4.3. Хизматрасониҳои суғуртавӣ

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" самтҳои фаъолияти суғуртавӣ ба се шакл ҷудо карда шудаанд:

1. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ
2. Суғуртаи ҳатмӣ
3. Суғуртаи ихтиёрӣ

Фаъолияти асосии низоми суғурта аз ҳисоби намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ ташаккул ёфта, он аз ҷониби ҳамаи ташкилотҳои суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки дар диаграммаи 4 ҳиссаи онҳо аз рӯйи шаклҳои суғурта оварда шудааст.

*Диаграммаи 4. Мукофоти суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳои суғурта барои солҳои 2018-2024*



*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

**Тибқи омори расмӣ мукофотҳои суғуртавии низом асосан аз рӯйи намудҳои зерини суғурта ҷамъоварӣ карда мешаванд:**

**1)** суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт;

**2) суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиёт;**

**3) суғуртаи ихтиёрии молу мулк;**

**4) суғуртаи ихтиёрии корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ.**

Суғуртаи ҳаёт бошад, дар ҷамъоварии мукофотҳои суғуртавӣ дар сатҳи ночиз қарор гирифта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии мукофотҳо аз 1,5 фоизи соли 2017 то ба 0,3 фоиз соли 2024 коҳиш ёфтааст, ки дар диаграммаи 5 оварда шудааст.

Диаграммаи 5. Мукофоти суғуртавӣ аз рӯйи намудҳои суғурта барои соли 2024




*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

**Дар робита ба шумораи умумии шартномаҳои басташудаи низоми суғурта бояд қайд намуд, ки бо вуҷуди баъзе тағйиротҳо дар низом дар маҷмуъ шартномаҳои басташуда тамоюли тадриҷии афзоишро нишон медиҳанд.** Шумораи шартномаҳо дар соли 2024 ба 2,3

млн. адад расид. Ҳиссаи суғуртаи ҳаёт дар шартномаҳои суғуртаи умумӣ хеле кам буда, дар соли 2024 танҳо 4,8 ҳазор ададро ташкил дод, ки тамоюли тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо дар диаграммаи 6 оварда шудааст.

*Диаграммаи 6. Шумораи умумии шартномаҳои басташуда*




*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

### 4.4. Суғуртаи ҳаёт

Низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ ба таври назаррас таназзул ёфт, ки ин ҳолат ба вазъи кунунии суғуртаи ҳаёт бетаъсир намонд. Айни замон, дар соҳаи суғуртаи ҳаёт танҳо ду ташкилоти суғуртавӣ амал мекунанд, ки аз онҳо як ташкилоти суғуртавии давлатӣ ин намуди суғуртаро то ҳол ба роҳ мондааст.

Вазъи кунунии низоми суғурта нишон медиҳад, ки суғуртаи ҳаёт дар қаламрави кишвар намуди суғуртаи маъмул набуда, ба рушди он чандон аҳаммияти зарурӣ дода намешавад. Ин намуди суғурта дар таҷрибаи байналмилалӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди ҳавасмандгардонӣ барои ба кор ҷалб кардани мутахассисон маҳсуб ёфта, ба сифати як ҷузъи иҷтимоии кормандон истифода мешавад.

Барои соҳаи суғуртаи мамлакат зарурати воқеии тарҳрезии низоми муосири суғуртаи ҳаёт ба миён омадааст, ки роҳандозии дурусти он метавонад ба вазъи иҷтимоии аҳолии кишвар ҳангоми сар задани ҳодисаҳои нохуш дар ҳаёт таъсири мусбат расонад. Новобаста аз ин, соли 2021 яке аз ташкилотҳои суғуртавӣ фаъолияти анъанавии суғуртавиро пурра ба фаъолияти суғуртаи ҳаёт бо дарназардошти таҷрибаи муосир ба роҳ мондааст, вале то ҳол чандон муваффақ нест.

### 4.5. Инноватсия ва таҳияи хизматрасониҳои суғуртавӣ

Айни замон барои ҷорӣ кардани хизматрасониҳои суғуртавии инноватсионӣ иқдомҳое ҷиҳати ба роҳ мондани намудҳои маъмул ва муосири суғурта, аз ҷумла суғуртаи хурд, суғуртаи бонкӣ, суғуртаи кишоварзӣ, суғурта аз офати табиӣ, намудҳои суғуртаи рақамӣ ва суғуртаи исломӣ-такаффул амалӣ шуда истодаанд. Бо вуҷуди ин, дар доираи стратегияҳои миллии рушд дар соҳаҳои зерин камбудиҳо ошкор гардиданд:

***Кишоварзӣ,*** ки тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бахши ҳаётан муҳимми иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсуб меёбад, бахусус дар шароити тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ дучори хавфу хатарҳо ва номуайяниҳои гуногун мебошад[1]. Дар стратегияи мазкур аҳаммияти суғуртаи кишоварзӣ ҳамчун воситаи коҳиш додани хавф, таъмини субот ва устувории бахши мазкур таъкид мегардад. Ҳадафи ҳимояи кишоварзон, деҳқонон ва дигар ҷонибҳои дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияткунанда бо истифода аз қарорҳои инфиродии суғуртавӣ аз он иборат мебошад, ки ба рушди устувор ва пурмаҳсулии бахши кишоварзӣ мусоидат намояд.

***Осебпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим*** боиси нигаронии ҷиддӣ аст, зеро чунин ҳодисаҳо маъмулан боиси талафоти зиёди иқтисодӣ ва инсонӣ мегарданд. Аз соли 1997 то соли 2013 дар Тоҷикистон 3169 ҳолати фавқулода рух додааст, ки дар натиҷа 1041 нафар ҳалок шуда, хисороти зиёд ба иқтисодиёти кишвар расидааст. Талафоти миёнаи солонаи манзил дар натиҷаи офатҳои табиӣ

тайи солҳои 2005 - 2014, ва далели он, ки на кам аз 10,0 фоизи аҳолӣ дар заминҳои харобшуда зиндагӣ мекунанд, зарурати роҳандозии фаврии равиши ҳамаҷонибаи идоракунии хатари офатҳои табииро вобаста ба ниёзҳои ҷомеа тақозо менамояд[1]. Яке аз роҳҳои кам кардани таъсири манфии офатҳои табиӣ ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва рафъи оқибатҳои онҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба роҳ мондани намуди суғуртаи инноватсионии одӣ аз офатҳои табиӣ ба ҳисоб меравад, ки хароҷотҳои давлатӣ ва сарбории молиявии шаҳрвандонро ҳангоми сар задан офатҳои табиӣ аз байн мебарад.

Таҷрибаи муваффақи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон низ нишон медиҳад, ки суғуртаи ҳатмӣ аз офатҳои табиӣ ва дар доираи он таъсис додани фондҳо ё пулҳои суғуртавӣ тавонистааст мушкилоти асосии рафъи оқибатҳои офатҳои табииро бартараф намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ зарур аст, ки суғурта аз офатҳои табииро дар таҷриба амалӣ намуда, ба ин васила сарбории давлат ва ҷомеаро аз оқибатҳои офатҳои табиӣ коҳиш диҳад.[2]

### 4.6. Самтҳои фурӯши хизматрасониҳои суғуртавӣ

Айни замон дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои пешниҳод ва фурӯши хизматрасониҳои суғуртавӣ маҳдуд мебошад. Низом асосан ба модели анъанавии агентҳои суғуртавӣ асос ёфтааст, ки ин ба густариши босуръати низоми суғурта мусоидат намекунад. Баҳри ба талаботи муосир ҷавобгӯ намудани низоми суғурта кишвар зарур аст, ки самтҳои нави фурӯш, аз ҷумла фурӯши хизматрасонии суғуртавӣ тавассути шабакаҳои низоми бонкӣ, ширкатҳои мобилӣ ва фурӯши онлайнӣ тараққӣ дода шавад. Фурӯши хизматрасониҳои суғуртавӣ тавассути шабакаи васеи низоми бонкӣ (аксаран шарикии байни ташкилотҳои суғуртавӣ ва бонкҳоро дар бар мегирад) айни замон амалӣ карда намешавад.

---

[1] 2016. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 СММ*. https://www.undp.org/sites/g/files/zskgke326/files/migration/tj/NDS_2030_en.pdf.

[2] *Дар асоси таҷрибаи давлатҳои Туркия – Фонди суғуртаи ҳатмӣ аз заминҷунбӣ (Turkish Catastrophe Insurance Pool) Қазоқистон – Фонди кафолати пардохти суғуртавӣ, Ӯзбекистон – Фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, Фонди суғуртавии Кариб аз офатҳои табиӣ (CCRIF SPC) ва дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба монанди ИМА, Британияи Кабир, Испания, Италия, Франсия ва Ҷопон.*

Вазъи кунунии фарогирии суғурта нишон медиҳад, ки самаранокӣ ва дастрасии ин самтҳои фурӯш, махсусан дар деҳот, нисбат ба шаҳрҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Ҷорӣ намудани пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ тавассути воситаҳои рақамӣ тақозои замон ва шарти ҳатмӣ барои таъмин намудани рушди босуръати соҳаи суғурта маҳсуб меёбад.

### 4.7. Муҳити рақобат

**Тамаркуз дар низом**

**Тамаркузи зиёд дар низоми суғурта: таҳлили нишондиҳандаҳои асосии низоми суғурта нишон медиҳад, ки тамаркуз дар соли 2024 аз рӯйи мукофоти суғуртавӣ ба ду ташкилоти суғуртавии калон 58,0 фоиз ва ба се ташкилоти суғуртавии калон 73,0 фоиз рост омада, фаъолияти маҳдудшудаи дигар ташкилотҳои суғуртавиро дар низоми суғуртаи кишвар ифода менамояд. Ин ҳолат дар диаграммаи 7 нишон дода шудааст.**

***Диаграммаи 7. Тамаркуз дар низоми суғурта дар соли 2024***




*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

Ифодаи индекси Хиршман (HHI) (нишондиҳандаи ифодагари баҳодиҳии сатҳи инҳисори соҳа (HHI= s21+s22+s23…s2n)) дар низоми

суғуртаи Тоҷикистон ба 2126 дар соли 2022 баробар шудааст, ки далели баланд будани муҳити таҷаммуи низомро ифода менамояд.

Ин раванд нигаронкунанда буда, ҷиҳати таъмини рақобати солим дар фаъолияти суғуртавии мамлакат таваҷҷуҳи махсуси мақоми назорати суғуртавӣ ва вазорату идораҳои дахлдорро талаб менамояд.

**Қобилияти пардохтпазирӣ ва захираҳои суғуртавӣ**

Сарфи назар аз он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» мавҷудияти захираҳо, инчунин зарурати ташаккули онҳоро дар асоси баҳодиҳии актуарӣ ва ҳисобкунии ботартиб ва меъёрҳо ба фонди захираҳои суғуртавӣ пешбинӣ намудааст, вале иҷрои он бинобар сабаби набудани санади дахлдори зерқонунӣ таъмин карда намешавад. Санади зерқонунӣ барои таъмини методологияи мушаххасе хизмат менамояд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ онро бояд дар фаъолияти доимии худ дастури амал қарор диҳанд ва барои муайян кардани намудҳои зарурии захираҳои суғуртавӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид ба мақоми назорати суғуртавӣ ҷиҳати танзиму назорати захираҳои суғуртавӣ мусоидат намоянд.

Ғайр аз ин, сарфи назар аз он ки рушди суғуртаи ҳаёт дар сатҳи ночиз қарор дорад ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» соҳаи суғуртаи ҳаёт ҳамчун пасандози суғурташаванда эътироф карда шудааст, захираҳои математикиро низ ҳамчун захираи суғуртавӣ эътироф кардан зарур мебошад. Захираи математикӣ унсури асосии кафолати бехатарии дороиҳои дар давоми муҳлати амали шартномаҳои (полисҳои) суғуртавӣ ҷамъшуда ба ҳисоб рафта, қобилияти суғуртакунандаро барои иҷрои уҳдадориҳои молиявии ояндаи он дар назди суғурташаванда таъмин менамояд.

Таҷрибаи воқеӣ ва таҳлили захираҳои суғуртавии низоми суғурта нишон медиҳад, ки захираҳои суғуртавии ташаккулдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ аз лиҳози актуарию математикӣ ба талаботҳои муосири ташаккул ва батанзимдарории захираҳо мувофиқ набуда, онҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун василаи мутобиқгардонии қисмати

дороиҳои тавозуни муҳосибӣ истифода карда мешаванд. Ҳамин тавр, захираҳои суғуртавии дар тавозуни муҳосибӣ инъикоснамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ аксаран дар асл вуҷуд надошта, пардохтнопазир будани онҳоро аз рӯйи амалиётҳои суғуртавӣ ифода менамоянд.

Ҳолати мазкур бинобар сабаби нақши муассир доштани захираҳо дар фаъолияти суғуртавӣ тақозо менамояд, ки баҳри таъмини фаъолияти муназзаму шаффофи низоми суғуртаи миллӣ самти мазкур тавассути таҳия ва қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор пурра ба танзим дароварда шуда, зери назорати қатъии мақоми назорати суғуртавӣ қарор гирад.

### 4.8. Натиҷаҳои фаъолияти низоми суғурта

Самаранокии фаъолияти низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифодаи меъёри зарар аз мукофоти суғуртавӣ ва меъёри хароҷотҳои низом дар ҷадвали зерин барои солҳои 2018-2024 ҷиҳати инъикос ва дарки сатҳи самаранокии фаъолияти низоми суғурта оварда шудааст.

***Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии низом***

| Меъёрҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Меъёри зарар (пардохту ҷубронҳо) | 7,6% | 12,1% | 6,0% | 15,2% | 4,9% | 5,3% | 6,9% |
| Меъёри хароҷот | 55,7% | 48,2% | 30,7% | 52,9% | 58,4% | 64,9% | 55,1% |
| **Меъёри хароҷотҳо** | **63,3%** | **60,3%** | **36,7%** | **68,1%** | **63,3%** | **70,2%** | **62,0%** |
| Меъёри сармоягузорӣ | 3,5% | 2,5% | 3,3% | 1,8% | 2,2% | 2,7% | 3,0% |
| **Меъёри хароҷотҳои амалиётӣ** | **59,7%** | **57,8%** | **33,4%** | **66,4%** | **61,0%** | **67,5%** | **59,0%** |

*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

**Меъёри сармоягузорӣ**

Дар робита ба сармоягузориҳои[3] низоми суғурта ҳаминро бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ба ин самт чандон таваҷҷуҳи ҷиддӣ надоранд. Асосан сармоягузориҳои низом аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавие анҷом дода мешаванд, ки ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобастаанд. Аммо, тибқи маълумоти пешниҳодкардаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар давраи солҳои 2018-2024 меъёри миёнаи даромад аз сармоягузорӣ дар интиҳои давраи интихобгардида 3,0 фоизро ташкил дода, тамоюли доимии коҳишёбӣ дорад, ки зарурати гузаронидани таҳлилу омӯзишҳои алоҳидаи иловагиро дар ин самт тақозо менамояд.

**4.9. Хулоса**

Тавре ки аз нишондиҳандаҳо бармеояд, меъёри пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ (меъёри зарар) дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дошта, ин омил нигарониро дар фаъолияти муътадили низом, бахусус намудҳои суғуртаи ҳатмӣ[4] ва ихтиёрии воситаҳои нақлиёт, ки ҳиссаи асосии мукофотҳои суғуртавиро дар низом ташкил медиҳанд, ба вуҷуд меорад.

Меъёри хароҷот бошад, дар низом раванди баръаксро нишон дода, хеле баланд мебошад ва аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмуъ зиёда аз нисфи мукофоти софи бадастомадаи ташкилотҳои суғуртавӣ барои хароҷоти амалиётӣ ва хароҷоти дигар истифода мешавад. Аммо, ба ин нигоҳ накарда, меъёри умумии хароҷот нисбатан паст боқӣ мондааст. Ба ифодаи дигар хулоса кардан мумкин аст, ки саҳми сармоягузориҳо ба натиҷаи умумии фаъолияти низоми суғурта таъсиргузор намебошад.

**4.10. Вазъи инфрасохтори технологӣ**

Вазъи инфрасохтори технологии низоми суғурта дар Тоҷикистон бо гузариши тадриҷӣ ба рақамикунонии соҳа ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ, самаранокии амалиёт ва ҷалби муштариён тавсиф мешавад.

---

[3]Дар ин замина, он ҳамчун даромади сармоягузорӣ/мукофоти холиси бадастовардашуда муайян карда мешавад.

[4] Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт.

**Иштирок тавассути онлайн (интернет):** ташкилотҳои суғуртавӣ аксар вақт платформаҳои онлайн таъсис дода, ба муштариён имкон медиҳанд маҳсулоти суғуртавиро таҳлил кунанд, маълумот оид ба тарифҳои суғуртавиро дастрас намоянд, полис харидорӣ намоянд ва аризаҳоро оид ба гирифтани пардохту ҷубронҳо ба таври онлайн пешниҳод кунанд. Ин гузариш на танҳо дастрасии хизматрасониро беҳтар менамояд, балки эҳтиёҷоти шумораи афзояндаи корбарони интернетро дар Тоҷикистон қонеъ мегардонад.

**Барномаҳои мобилӣ:** дар шароити истифодаи босуръати воситаҳои алоқаи мобилӣ, суғуртакунандагон барномаҳои мобилиеро таҳия ва ҷорӣ менамоянд, ки муошират бо муштариён, идоракунии полисҳои суғуртавӣ ва коркарди даъвоҳоро сода, шаффоф ва осон месозад. Чунин барномаҳо дар аксар мавридҳо дорои интерфейс ва функсияҳои мувофиқ, ба монанди чатбот барои хизматрасонии муштариён мебошанд, ки хароҷоти идоравии корхонаро аз ҳисоби мутахассисон коҳиш медиҳанд.

**Стартапҳои InsurTech:** пайдоиши стартапҳои InsurTech дар Тоҷикистон дар марҳилаи аввал қарор дошта, дар муқоиса бо дигар бахшҳои бештар тараққикардаи низоми молиявӣ онҳо дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтаанд, ки ин аз таваҷҷуҳи афзоянда ба истифодаи технология барои ҷорӣ кардани маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионии суғуртавӣ дарак медиҳад.

Сарфи назар аз дастовардҳо, барои васеъ ҷорӣ шудани хизматрасониҳои суғуртаи рақамӣ маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла суръати пасти интернет дар минтақаҳои дурдаст метавонад монеъ гардад. Самаранокии платформаҳои рақамӣ ба саводнокии рақамии аҳолӣ вобаста буда, талошҳо ва корбариҳои муайян дар самти таълиму муаррифии истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ бо технологияҳои нав барои пешрафти кори онҳо муҳим мебошад. Ҳамчунин зарур аст, ки ба рушди инфрасохтори мақоми назорати суғуртавӣ дар самти ҳифзи маълумот, махфият ва амнияти киберӣ барои дастгирии татбиқи технологияҳои нав дар низоми суғурта мусоидат карда шавад.

## 5. НАЗОРАТИ НИЗОМИ СУҒУРТА

Низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст, ки баҳри рушду нумуи он соли 2014 дар Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта масъалаи «Рушди бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳлил ва тавсияҳо» баррасӣ гардид.

Аз натиҷаи ҷаласаи Шуро қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №788 қабул гардидааст ва қисме аз бандҳои Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба масъалаҳои дахлдори соҳа иҷро шуда, татбиқи қисмати дигари онҳо бо сабабҳои объективию субъективии гуногун дар сатҳи кофӣ таъмин нагардидааст.

Яке аз самтҳои асосии ислоҳоти банақшагирифташуда ба БМТ вогузор намудани ваколати назорати суғуртавӣ ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба ин, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, №408 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 ваколати назорати суғуртавӣ аз Хадамоти назорати давлатии суғуртаи назди ВМҶТ ба БМТ вогузор гардид. Дар доираи имкониятҳои мавҷуда БМТ ислоҳоти соҳаи суғуртаро роҳандозӣ намуд.

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда соҳаи суғуртаи мамлакат давра ба давра беҳтар гардида, айни замон дар марҳилаи рушд қарор дорад ва метавонад дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат низоми молиявии мамлакатро вусъат бахшида, тавассути таъсири занҷиравӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳмгузор бошад.

### 5.1. Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ

Ҳуҷҷати асосӣ дар заминаи меъёрии ҳуқуқии мақоми назорати суғуртавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ба ҳисоб меравад. Ин қонун дар шакли ҳозирааш соли 2016 мавриди амал қарор гирифта, солҳои 2018, 2019 ва 2024 ба он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст.

***Ҷадвали 2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти суғуртавӣ***

| | |
|---|---|
| **Қонунҳо** | Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ<br>Дар бораи суғуртаи мутақобила<br>Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт |
| **Қарорҳо** | Дар бораи андозаи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) |
| **Тартибҳо** | Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)<br>Тартиби назорати риояи қонунгузорӣ бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ<br>Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои худӣ (сармоя) ва ӯҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) |
| **Талаботҳо** | Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ<br>Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ |
| **Шаклҳои ариза барои гирифтани иҷозатнома** | Ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти суғуртавӣ<br>Ариза барои тамдиди иҷозатномаи анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ<br>Ариза дар бораи аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома барои фаъолияти суғуртавӣ |
| **Намунаҳо** | Намунаи полиси суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт |

Манбаъ: Маълумотҳои БМТ

Заминаи меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро танзим мекунад (Ҷадвали 2), ба муқаррароти дахлдори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият такя намуда, фарогирии ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои дахлдори ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Аз соли 2018 БМТ дар самти танзиму назорати соҳаи суғурта ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. То интиқоли ваколати назорати суғуртавӣ ба БМТ соҳаи суғуртаро танҳо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи суғуртаи мутақобила», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани ҳадди ақалли сармояи оинномавии пардохтшавандаи ташкилотҳои суғуртавӣ» ва баъзе карорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои 1990-ум қабул шуда буданд, танзим менамуд.

Сарфи назар аз мушкилоте, ки низоми суғурта ҳангоми ислоҳоти дар самти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ва ҷорӣ намудани низоми муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мешавад, пешрафти тадриҷӣ дар самти ноил шудан ба натиҷаҳои нисбатан самарабахшу муассир ба мушоҳида мерасад, ки ба манфиати ҳамаи ҷонибҳои дахлдор мебошад. Мутобиқи қонунгузории асосии танзимкунандаи низоми суғурта ваколатҳо оид ба ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи суғурта ва ваколатҳои назорати суғуртавӣ байни ду мақоми давлатӣ тақсим карда шудаанд. Ин тақсимот ба таҷриба ва амалияи эътирофшудаи байналмилалӣ мувофиқат накарда, барои татбиқи ислоҳоти саривақтии низоми суғурта халал ворид месозад.

### 5.1.1. Тағйирот ба қонунгузорӣ аз соли 2018

Бо дарки зарурати такмилу мутобиқгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи суғурта БМТ барои ҳалли мушкилоти ишорашуда то ин замон кӯшишу талоши зиёд ба харҷ додааст ва ин равандро идома медиҳад, ки ба мукаммал гардидани заминаи қонунгузории фаъолияти суғуртавӣ ва мутобиқ гардидани он ба талаботҳои муосир мусоидат менамояд.

Яке аз масъалаҳои муҳим **афзоиши андозаи зарурии ҳадди ақалли** сармояи оинномавӣ буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андозаи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)» аз 31 марти соли 2020, № 211 мавриди амал қарор дода шудааст (ҷадвали 3).

*Ҷадвали 3. Андозаи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавӣ*

| | |
|---|---|
| **Барои ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ** | на кам аз 10,0 млн сомонӣ |
| **Барои ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки дар баробари соҳаҳои дигари суғурта ба шакли "суғуртаи ҳатмӣ" машғул мебошанд** | на кам аз 10,0 млн сомонӣ |
| **Барои ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки танҳо ба соҳаҳои "суғуртаи умумӣ" ва "суғуртаи ҳаёт" машғул мебошанд** | на кам аз 5,0 млн сомонӣ |
| **Барои ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки танҳо ба соҳаҳои "суғуртаи умумӣ" машғул мебошанд** | на кам аз 2,0 млн сомонӣ |
| **Барои ташкилотҳои азнавсуғуртакунии давлатӣ ва ғайридавлатӣ** | на кам аз 50,0 млн сомонӣ |

Тибқи қарори мазкур ба ташкилотҳои суғуртавӣ як сол мухлат дода шуда буд, ки сармояи оинномавии худро ба ин талабот мутобиқ созанд. Дар натиҷа ҳаҷми сармояи пардохташудаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2021 ба таври назаррас афзоиш ёфт, ки ин устувории низоми суғуртаро дар муқобили хавфҳои эҳтимолии молиявӣ зиёд намуд (Диаграммаи 8).

***Диаграммаи 8. Сармояи оинномавии низом***




*Манбаъ: Ҳисоботҳои оморӣ ва таҳлилҳои БМТ*

Сармоякунонии низоми суғурта ба зиёд гардидани дороиҳои он оварда расонида, ташкилотҳои суғуртавиро водор намудааст, ки пойгоҳи пулии худро устувор намоянд ва ба ин васила саҳми соҳаи суғуртаро дар иқтисодиёт афзун гардонанд. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои минтақа нишон медиҳад, ки меъёри ҳадди ақали сармояи оинномавии низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя буда, зарурати иловатан такмил додани меъёрҳои ҳадди ақали сармояро барои давраи миёнамуҳлат тақозо менамояд.

Баъдан, дар давраи солҳои 2020-2024 илова ба тағйиротҳо ба қонун боз чор ҳуҷҷати муҳимми танзимкунандаи соҳаи суғурта қабул гардиданд, ки заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва сатҳи пардохтпазирии низомро таҳким бахшиданд:

- «Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёри маблағҳои (сармояи) худӣ ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)», қаорори Раёсати БМТ аз 9 октябри соли 2020, №135;
- «Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)», қаорори Раёсати БМТ аз 6 августи соли 2021, №129;
- «Талабот нисбат ба услуби ба ҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ», қаорори Раёсати БМТ аз 21 июни соли 2022, №74;
- «Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ», қаорори Раёсати БМТ аз 9 декабри соли 2022, №139.

Ҳуҷҷатҳои қабулгардида принсипҳои асосии таъмини пардохтпазирӣ, таҷрибаи хуби сармоягузории дороиҳо, ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ва интиқоли портфели суғуртавиро муайян менамоянд, ки дар муқаррар кардани самти танзиму назорат ва фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани низоми суғурта, инчунин баланд бардоштани салоҳияти касбии иштирокдорони касбии бозори суғурта ва таъмини мукаммалии низом нақши муҳим мебозанд.

**Рақобати солим ва шаффофият дар низоми суғурта:**

- Молик бенефитсиар – шаффофият дар мушаххаскунии шахсоне, ки дорои ҳуқуқи афзалиятноки моликият ё назорати ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд.
- Пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим.
- Маҳдуд кардани дахолат – таъмини мустақилияти фаъолияти суғуртавӣ бо роҳи манъи дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо.
- Назорати сармоя ва саҳмиядорон – пурзӯр намудани назорат бо роҳи талаб намудани розигии пешакии мақоми назорати суғуртавӣ барои зиёд кардани сармоя бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ ё ширкатҳои фаръии онҳо, инчунин интиқоли саҳмияҳо ба сармоягузорони хориҷӣ ё ҷамъиятҳои фаръӣ ва зертобеи онҳо аз ҷониби саҳмиядорони маҳаллӣ.
- Талаботи марбут ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ) – и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.
- Пешгирии суиистифода дар низоми суғурта (тадбирҳо оид ба пешгирии таҳрифи маълумот).

**Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва шаффофияти амалиёти суғуртавӣ:**

- Такмил додани идоракунӣ: чораҳои танзимкунанда ҷорӣ намудани талаботи мушаххасро нисбат ба сохтори идоракунии ташкилотҳои суғуртавӣ дар бар мегиранд. Ба ин таъиноти кормандони асосӣ, аз ҷумла роҳбар, сармуҳосиб, роҳбари аудити дохилӣ, роҳбар ва сармуҳосиби филиали ташкилоти суғуртавӣ ва актуарии мустақил дохил мешаванд. Илова бар ин, ташкилотҳои суғуртавӣ вазифадоранд, ки мақоми назорати суғуртавиро дар бораи ҳама гуна таъинот ё барканорӣ аз ин вазифаҳои калидӣ (танҳо роҳбарият, сармуҳосиб, роҳбар ва сармуҳосиби ташкилотҳои суғуртавӣ ва роҳбари аудити дохилӣ) хабар диҳанд.

- Баланд бардоштани нақши аудиторҳои дохилӣ.
- Сохтори бозбинишудаи қоидаҳои суғурта-ҳуҷҷате, ки дар қонун зикр шудааст, шартҳои татбиқи суғуртаро барои ҳар як намуди мушаххаси он муайян менамояд ва он бояд объекти суғурта, ҳодисаи суғурта, хавфҳо, тарифҳои суғурта, шартҳо ва ғайраро дар бар гирад. Илова бар ин, ташкилотҳои суғуртавӣ танҳо пас аз мувофиқа шудани қоидаҳои суғурта бо мақоми назорати суғуртавӣ метавонанд маҳсулоти суғуртаро фурӯшанд.
- Шакли муқарраргардидаи полиси суғурта барои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки дар он ҳамаи маълумот пай дар пай ба таври возеҳ баён гардидааст.
- Ҳисоботдиҳӣ ва ифшои малумот: заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳисоботдиҳӣ ва ифшои маълумот аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ тақвият дода шудааст. Ташкилотҳои суғуртавӣ вазифадоранд, ки дар мухлатҳои муқарраргардида ба мақоми назорати суғуртавӣ маълумот дар бораи фаъолияти худро дар шакли ҳисоботи молиявӣ пешниҳод намоянд. Бонки миллии Тоҷикистон дар ин раванд фаъолона иштирок намуда, маълумоти ҷамъбастиро дар сомонаи расмии худ нашр мекунад, ки ин шаффофият ва дастрасии маълумоти дахлдорро барои тарафҳои манфиатдор ва аҳли ҷомеа таъмин месозад.

  Ислоҳоти суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт: тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ташкилотҳои суғуртавӣ новобаста аз шакли моликият ҳуқуқ доранд, ки барои амалинамоии ин намуди суғуртаи ҳатмӣ иҷозатномаи дахлдор гиранд.
- Меъёрҳои баландтари маблағҳои суғуртавӣ барои ин намуди суғурта ҷорӣ карда шуданд, ки ба суғурташавандагон дар сурати ба амал омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ барои пардохту ҷуброни суғуртавӣ шароити мувофиқ фароҳам меоранд.

Ба ғайр аз тағйироти ишорашуда дар қонунгузорӣ, идораи назорати суғуртавӣ аз замони таъсисёбӣ дар самтҳои асосӣ боз як қатор санадҳои меъёрӣ ва расмиёти дигари гуногун, аз қабили гузарондани санҷиши иштирокдорони бозори суғурта, ташкили феҳристи иштирокдорони касбӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ, стандартизатсияи раванди пешниҳоди дархост

барои гирифтани иҷозатномаи суғурта (се шакли гуногун, ки дар сомонаи расмӣ дастрас мебошанд) ва тартиб додани шаклҳои полиси суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро ҷорӣ намуд.

**5.1.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", ки моҳи марти соли 2024 қабул гардидааст.**

БМТ камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" (минбаъд Қонун) муайян карда, барои бартараф намудани онҳо як қатор тағйиру иловаҳоро ба қонуни амалкунанда ворид намудааст. Самтҳои асосие, ки ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, инҳо мебошанд:

Бо мақсади тавсиф додани баъзе истилоҳоти фаъолияти суғуртавӣ мафҳумҳои иловагӣ, аз қабили «субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ», «суғуртаи ҳатмӣ», «меъёрҳои мақбули ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)», «филиали ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) хориҷӣ», «кормандони роҳбарикунанда» ва «шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод» пешбинӣ гардидаанд.

Дар баробари ин, бо мақсади васеъ намудани доираи фаъолият ҷиҳати ба суғурта фаро гирифтани аҳолии минтақаҳои кишвар, талабот нисбат ба фаъолият, таъсисёбӣ ва танзими филиал ва намояндагиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) илова гардидааст.

Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба Қонун моддаи алоҳида вобаста ба фаъолияти суғуртаи мутақобила пешбинӣ карда шудааст, ки ҷиҳати муқаррар намудани талабот ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҷиҳати роҳандозӣ намудани талаботи ягона, аз байн бурдани гуногуншаклӣ, пешниҳоди иттилооти асосӣ ба суғурташавандагон ва оммафаҳм гардонидани матни полиси суғуртавӣ ба Қонун моддаи нав оид ба полиси суғуртавӣ ва талабот нисбат ба он илова карда шудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), таъмини устувории молиявии онҳо, самаранок истифода бурдани сармоя, ҷобаҷогузории дурусти дороиҳо ва

ба роҳ мондани ташаккулдиҳии дурусти захираҳои суғуртавӣ моддаи нав оид ба меъёрҳои мақбули ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), дигар меъёрҳо ва маҳдудиятҳо ба Қонун ворид карда шудааст.

Вобаста ба таъмини раванди дуруст ва шаффофи ҳисоботдиҳии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ва ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботҳои молиявӣ мутобиқ намудани онҳо, дар Қонун боби нав вобаста ба ҳисобдорӣ ва ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади пурзӯр намудани масъалаҳои танзиму назорат ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) моддаи нав дар қисмати чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ илова гардидааст.

Ҷиҳати ба роҳ мондани механизми самараноки назоратӣ барои пешбурди фаъолият, таҳия ва татбиқи стратегияи рушди ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин муайянсозии самти дурусти бизнес-равандҳо бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ дар Қонун қисмати мақомоти идоракунии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) такмил дода шудааст.

## 6. ТАҲЛИЛИ SWOT

### 6.1. Ҷанбаҳои қавию заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳое, ки пешорӯйи низом қарор доранд

Таҳлили SWOT-и низоми суғуртаи Тоҷикистон барои муайян кардан ва сохторбандии самтҳои қавию заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо кумак мерасонад. Ин гуна таҳлил барои банақшагирии стратегӣ ва қабули қарорҳои дахлдор асос мебошад.

### 6.2.Самтҳои қавӣ

- **Иқтисоди рӯ ба афзоиш:** иқтисодиёти рӯ ба афзоиши Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тавсеаи низоми суғурта шароити мусоид фароҳам меорад, зеро рушди иқтисодӣ дар умум бо афзоиши талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ алоқаманд аст.
- **Имкониятҳои истифоданашудаи низоми суғурта:** ҳангоми паст будани суръати воридшавии суғурта дар низом барои афзоиш ва воридшавӣ ба дигар намудҳои суғурта, аз ҷумла суғуртаи хурд, суғуртаи

кишоварзӣ, суғуртаи исломӣ (такафул) ва суғурта аз офатҳои табиӣ имкониятҳои назаррас вуҷуд доранд.

- **Аҳолии нисбатан ҷавон:** ҳавасмандии талабот ба хизматрасониҳои суғуртавии нав, аз қабили суғуртаи тиббӣ, маориф ва суғуртаи амвол метавонад аз ҳисоби ҷавонон сурат гирад.

### 6.3. Самтҳои заиф

- **Сатҳи пасти огоҳӣ ва фаҳмиши аҳолӣ:** дар маҷмуъ, сатҳи пасти огоҳӣ ва фаҳмиши хизматрасониҳои суғуртавӣ дар байни аҳолӣ ба мушоҳида мерасад, ки аз афзудани нобоварии аҳолӣ ва кам истифода шудани хизматрасониҳои суғуртавӣ шаҳодат медиҳад.
- **Сатҳи пасти фаъолияти ба истифодабарандагон хизматрасониҳои суғуртавӣ равонашуда**
- **Сатҳи пасти эътимоду боварӣ**
- **Норасоии мутахассисони баландихтисоси касбӣ**
- **Маҳдудият дар гуногуншаклии хизматрасонии суғуртавӣ:** доираи хизматрасонии суғуртавии дастрас аксар вақт маҳдуд буда, эҳтиёҷот ва ниёзҳои гуногуни аҳолӣ ва соҳибкоронро қонеъ намегардонад.
- **Заминаи меъёрии ҳуқуқии начандон рушдкарда:** заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ба таври кофӣ ба талаботҳои муосир ҷавобгӯ набуда, барои бунёд ва пешбурди низоми суғуртаи солим ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии суғуртавӣ чандон мусоидат наменамояд.
- **Инфрасохтори технологӣ:** сармоягузории маҳдуд ба технологияҳои муосир барои самаранокии амалиётҳои суғуртавӣ, навовариҳои хизматрасонии суғуртавӣ ва ба сифати хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагон монеа эҷод мекунад.
- **Инҳисор дар суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт**

### 6.4. Имкониятҳо

- **Таҳаввулоти рақамӣ:** истифодаи технологияҳо ва платформаҳои рақамӣ метавонад рақобати солимро дар низоми суғурта таъмин намуда, дастрасиро ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, бахусус дар минтақаҳои дурдаст, беҳтар кунад ва истифодаи амалиётҳои суғуртавиро ба таври сода, шаффоф ва бе мудохилаи шахсони сеюм таъмин намояд.
- **Шарикӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ:** ҳамкорӣ бо ташкилотҳои суғуртавии байналмилалӣ, дастрасӣ ба таҷрибаи муосир ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми суғурта ва навовариҳоро таъмин хоҳад кард.
- **Маҳсулоти инноватсионӣ:** бо назардошти осебпазирии кишвар дар баробари офатҳои табиӣ, имкони таҳия ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нави суғурта мутобиқ ба талаботи Тоҷикистон, ба монанди суғуртаи хавфи обу ҳаво ва хатари офатҳои табиӣ вуҷуд дорад. Дар асоси таҷрибаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон суғурта аз офатҳои табиӣ ба таври ҳатмӣ метавонад ба роҳ монда шавад.
- **Барномаҳои саводнокии молиявӣ:** татбиқи барномаҳои таълимии баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ фаҳмиш ва эътимоди аҳолиро ба хизматрасониҳои суғуртавӣ зиёд карда, талаботро афзоиш медиҳад.

**6.5. Таҳдидҳо**

- **Ноустувории иқтисодӣ:** ноустувории иқтисодӣ метавонад ба дастрасии хизматрасониҳои суғуртавӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва истифодабарии онҳо таъсир расонад.
- **Офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим:** осебпазирии Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ ҳам барои ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҳам барои суғурташавандагон хатар эҷод карда, стратегияҳои мукаммали идоракунии хавфҳо, ба роҳ мондани намуди мушаххаси суғуртаи ҳатмӣ, таъсиси пулҳо ва фондҳои суғуртавӣ ва амалиётҳои азнавсуғуртакуниро тақозо менамояд.

- **Рақобат аз истифодаи суғуртаи ғайрирасмӣ:** механизмҳои ғайрирасмии тақсим ва интиқоли хавфҳо метавонад бо хизматрасониҳои суғуртавии расмӣ, махсусан дар деҳот ва минтақаҳои дурдаст, рақобати носолим ба миён оварда, дастрасии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавиро ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ маҳдуд намояд.
- **Тағйирёбии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ:** тағйироти ногаҳонӣ ё номатлуби заминаи меъёрии ҳуқуқӣ метавонад барои ташкилотҳои суғуртавии амалкунанда ва навтаъсис дар низоми суғурта мушкилот эҷод карда, ба фаъолияти самараноки онҳо таъсири манфӣ расонад.
- **Хавфҳои технологӣ:** таҳдидҳои киберӣ ва амнияти иттилоотӣ хавфи ифшои маълумоти махфии муштариро ба миён меоранд.

Ин таҳлили SWOT нишон медиҳад, ки самтҳои асосии низоми суғуртаи Тоҷикистон ба паҳлуҳои қавии он такя кунад, паҳлуҳои заифро аз байн барад ва бо истифода аз фурсат таҳдидҳоро коҳиш диҳад. Ин омилҳо бояд ҳангоми таҳияи ҳадафҳои стратегӣ ҷиҳати дастгирии рушди устувори низоми суғурта ба назар гирифта шаванд.

## 7. ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ

Ҳадафҳои стратегӣ ба натиҷаҳои ҳисоботи ташхисӣ ва таҳлили SWOT асос ёфта, самт ва нуқтаи стратегияи рушди низоми суғуртаро муайян карда, бо рушди босубот, устувории бардавом ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои суғуртавии ба аҳолӣ пешниҳодшаванда равона шудаанд ва асоси нақшаи стратегии рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд:

### 7.1. Инноватсия ва диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ

**Ҳадаф**: диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ ва фарогирии самтҳои фаъолияте, ки кашф нашудаанд.

**Амалҳо**: таҳлили низом нишон дод, ки дар пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ камбудиҳо ҷой доранд. Таҳия ва пешниҳоди маҳсулоти нави суғурта аз рӯи:

а) суғурта аз офатҳои табиӣ;
б) суғуртаи кишоварзӣ;
в) суғуртаи хурд;
г) суғуртаи ҳаёт;
ғ) суғуртаи бонкӣ;
д) суғуртаи исломӣ (такафул).

Ин хизматрасониҳои суғуртавӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои мушаххаси аҳолии деҳот, соҳибмулкон, шахсони ҳуқуқӣ ва вокеӣ ва соҳибкории хурду миёна, инчунин рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ истифода мешаванд. Илова бар ин, бояд намудҳои хизматрасониҳои суғуртавии марбут ба маблағгузории сабз ва фаъолияти сабзи худи ташкилотҳо таҳия карда шавад. Стратегияи кишвар оид ба гузариш ба иқтисоди сабз то соли 2037 вуҷуд дорад, ки бояд дар пешниҳоди маҳсулоти низоми суғуртаи кишвар низ инъикос ёбад.

**7.2. Ислоҳоти танзим ва татбиқи сиёсати пайгирона**

**Ҳадаф**: таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии мусоидаткунанда ба рушди низоми суғурта.

**Амалҳо**: БМТ ҳамкориро бо мақомоти давлатӣ ва коршиносони байналмилалӣ ҷиҳати бозбинӣ ва таҷдиди қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи суғурта идома медиҳад. Роҳандозии сиёсате тақозо мешавад, ки ба суботи низом, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ ва рақамикунонии соҳа мусоидат мекунад. Зарур аст, ки мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда ба таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ таъмин карда шавад.

Яке аз муҳимтарин принсипҳои тақвияти боварӣ дар бозори молиявӣ, инчунин эътимоди аҳолӣ ба соҳа таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, яъне тадриҷан зиёд намудани

шумораи ҳисоботҳои нашршаванда, ифшои маълумот дар бораи фаъолияти ҳамаҷонибаи ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад. Шаффофият ва ифшои маълумот интизоми хизматрасониҳои ташкилотҳои суғуртавиро беҳтар месозад.

**7.3. Устувории низом**

**Ҳадаф**: таҳкими раванди устувории низоми суғурта.

**Амалҳо**: таъсиси фонди кафолати пардохту ҷубронҳои суғуртавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт.

Ҳимояи пурраи суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагонро давлат бо қонуни алоҳида кафолат додааст. Кафолати пардохту ҷубронҳои суғуртавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳангоми номуайян будани ронанда, надоштани полиси суғуртавӣ, инчунин ҳангоми муфлисшавии ташкилотҳои суғуртавӣ ва дигар ҳолатҳои муайян пурра таъмин карда намешавад. Таъсиси фонди махсусгардонидашуда барои ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат карда, дар ҳама ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ кафолати пурраи пардохту ҷубронҳои суғуртавиро таъмин менамояд.

**7.4. Рушди низоми суғурта ва рақобати солим**

**Ҳадаф**: таъмини рушди низоми суғуртаи рақобатпазир.

**Амалҳо: д**астгирии раванди таъсисёбии ташкилотҳои суғуртавии нав дар низом, аз ҷумла ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ ва стартапҳои InsurTech тавассути қонунгузории дахлдор ва ҳавасмандсозӣ. Мусоидат ба шаффофият ва рақобати солим. Ташкили форумҳо барои ҷонибҳои манфиатдори соҳа бо мақсади анҷом додани фаъолияти якҷоя оид ба мушкилот ва имкониятҳои умумӣ.

**7.5. Идоракунии корпоративӣ**

**Ҳадаф**: такмил додани идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ бо мақсади таъмини суботи низоми суғурта.

**Амалҳо**: яке аз мушкилоте, ки боиси бухрони солҳои 2015-2016 дар низоми бонкӣ гардид, камбудиҳо дар идоракунии корпоративии ташкилотҳои қарзӣ буд. Низоми суғурта метавонад ин масъаларо ҳамаҷониба омӯхта, талаботро нисбат ба идоракунии корпоративии ташкилотҳои суғуртавӣ тавассути мукаммал намудани қонунгузории соҳа тақвият бахшад.

**7.6. Дастрасӣ ба деҳот ва минтақаҳои дурдаст, ки ба қадри кофӣ хизматрасонӣ намешаванд**

**Ҳадаф**: густариш додани хизматрасонии суғуртавӣ дар деҳот ва минтақаҳои дурдаст, ки ба хизматрасонии суғуртавӣ дастрасӣ надоранд.

**Амалҳо**: ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятии маҳаллӣ ва истифодаи воҳидҳои сайёр барои фарогирии минтақаҳои дурдаст. Таҳияи хизматрасонии суғуртавии содакардашудаи барои ин минтақаҳо мувофиқ. Ҷалби агентҳои суғуртавии маҳаллӣ, ки эҳтиёҷоти ҷомеаи деҳот ва минтақаҳои дурдастро медонанд ва метавонанд равиши инфиродии хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод кунанд.

**7.7. Саводноки молиявӣ ва омӯзонидани истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ**

**Ҳадаф**: баланд бардоштани сатҳи фаҳмиш ва эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ.

**Амалҳо**: ташкил ва баргузории чорабиниҳои умумимиллӣ оид ба огоҳонидани аҳолӣ дар бораи манфиатҳо ва механизмҳои суғурта. Ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба гузаронидани корҳои иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳӣ. Истифодаи расонаҳои рақамӣ бо забони давлатӣ барои фарогирии бештар ва самаранокӣ.

**7.8. Таҳаввулоти рақамӣ**

**Ҳадаф**: истифодаи технологияҳои рақамии мавҷуда барои беҳтар кардани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои суғуртавӣ.

**Амалҳо**: мусоидат барои истифодаи барномаҳои мобилии мутобиқ ба талаботи бозори Тоҷикистон. Сармоягузорӣ ҷиҳати таҳлили маълумот барои таҳияи пешниҳодҳои шахсӣ оид ба суғурта. Таҳия ва татбиқи платформаи ҳамгирошудаи рақамӣ барои анҷом додани амалиётҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ба расмият даровардани полисҳои суғуртавӣ, пардохти мукофоти суғуртавӣ ва баррасии аризаву даъвоҳо.

### 7.9. Баланд бардоштани сатҳи тахассус ва салоҳияти касбӣ

**Ҳадаф**: сайқал додани тахассус ва дониши мутахассисони соҳаи суғурта.

**Амалҳо**: татбиқи барномаҳои таълимии ҳамаҷонибаи мутахассисони соҳаи суғурта бо таваҷҷуҳ ба соҳаҳо, аз қабили таҳияи хизматрасониҳои суғуртавӣ, андеррайтингҳо, воситаҳои рақамӣ ва хизматрасонӣ ба муштариён. Пешниҳоди имконияти гирифтани сертификатҳои тахассусӣ ва таъмини омӯзишҳои пайваста. Ҷалби истеъдодҳо.

### 7.10. Ҳамкории байналмилалӣ ва табодули таҷриба

**Ҳадаф**: мутобиқ намудани низоми суғуртаи Тоҷикистон ба стандартҳо ва амалияи байналмилалӣ.

**Амалҳо**: ба роҳ мондани муносибатҳои шарикӣ бо ташкилотҳои суғуртаи байналмилалӣ барои табодули таҷриба ва баланд бардоштани сатҳи тахассус. Аъзошавии мақоми назорати суғуртавӣ ба ташкилотҳои байналмилалии ҷаҳонии суғурта барои мубодила ва омӯзиши таҷрибаи пешрафта. Омӯзиши имконияти дастрасии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ба бозорҳои байналмилалии азнавсуғуртакунӣ.

Ҳар яке аз ин ҳадафҳои стратегӣ тарҳрезии амиқ, тақсимоти захираҳо ва ҳамкорӣ байни ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушдро талаб мекунад. Ҳадафҳои мазкур ба ҳалли масъалаҳои ҷорӣ ва пайдо кардани имкониятҳо барои таъмини рушди устувор ва саҳмгузории бештари соҳа дар суботи иқтисодии миллӣ ва амнияти молиявии инфиродӣ нигаронида шудаанд.

**Диверсификатсияи маҳсулот** метавонад эҳтиёҷоти гуногуни аҳолии Тоҷикистонро тавассути ҷорӣ намудани хизматрасониҳои суғуртавии инноватсионӣ, аз қабили суғуртаи хурд ва суғуртаи кишоварзӣ, ки ба рафъи хатарҳо ва осебпазириҳои мушаххаси маҳаллӣ нигаронида шудаанд, қонеъ созад.

**Фонди кафолати пардохту ҷубронҳои суғуртавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт** ба суботи низом ва нуфузу эътибори соҳа ва давлат тақвият бахшида, рушди соҳибкориро дастгирӣ ва устувории дарозмуддати бахши молиявиро таъмин мекунад.

**Ислоҳот дар соҳаи танзиму назорат**, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, суботи низом, ҳавасмандгардонии рақобат ва навоварӣ нигаронида шуда, барои фароҳам овардани муҳити мусоиди рушди соҳаи суғурта нақши ҳалкунанда дорад.

**Таҳаввулоти рақамӣ** ба беҳтар шудани дастрасӣ, самаранокӣ ва қаноатмандии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки низоми суғурта доираи муштариёни худро, бахусус дар деҳот ва минтақаҳои дурдасти ба қадри кофӣ хизматрасонинашаванда зиёдтар намояд.

**Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ва таълими истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ** барои зиёд намудани фаҳмиш ва эътимод ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, ҳавасманд кардани талабот ва мусоидат ба фарогирии молиявӣ нақши муҳим доранд.

**Баланд бардоштани сатҳи тахассус ва салоҳияти касбӣ** кафолат медиҳад, ки низом бо мутахассисони баландихтисос таъмин карда шуда, равандҳои инноватсиониро пеш барад, хавфҳои суғуртавиро идора кунад ва барои қонеъ кардани ниёзҳои тағйирёбандаи низом хизматрасониҳои босифат пешниҳод намояд.

**Амалияи идоракунии хавфҳо** соҳаро аз таҳдидҳои эҳтимолӣ муҳофизат карда, субот ва устувории онро дар баробари дигаргуниҳои иқтисодӣ, офатҳои табиӣ ва технологӣ таъмин менамояд.

Татбиқи бомуваффақи ин ҳадафҳои стратегӣ талошҳои муштараки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои суғуртавӣ, ассотсиатсияҳои соҳавӣ, шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалиро тақозо мекунад. Дар сурати ҳамоҳангсозии амалҳо бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда, инчунин ба роҳ мондани мониторинг ва арзёбии дақиқи пешрафт Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад рушди низоми суғуртаи рақобатпазир, самаранок ва ба муштарӣ нигаронидашударо таъмин намояд.

Суғурта дар оянда бояд на танҳо ҳамчун механизми муҳофизатии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амал кунад, балки дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дошта бошад, дар коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ва коҳиши таъсири иқлим ва таконҳои иқтисодӣ саҳм гузорад ва ба ин васила дар баланд бардоштани сатҳи умумии некуаҳволӣ ва пойдории устувории мардуми Тоҷикистон мусоидат намояд.

Дар баробари рушди низоми суғурта муҳим он аст, ки низоми мазкур тағйирпазир боқӣ монда, ба тамоюлҳо ва тағйирёбиҳои пешомада устуворӣ нишон диҳад ва барои такмили пайваста кӯшиш намояд. Роҳи рушди низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон осон нест, вале имконпазир буда, барои иқтисодиёт, ҷомеа ва шаҳрвандон хидмат менамояд. Тавассути диди муштарак, ҳамбастагӣ ва амалҳои стратегӣ низоми рушдёбанда ва фарогири суғурта дар Тоҷикистон кишварро ба сӯи рушди устувор ва амнияти молиявӣ роҳнамоӣ карда, ба он заминаи устувор мегузорад.

## 8. ХАРИТАИ РОҲ

Харитаи роҳ қадамҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои дар стратегяи мазкур муайяншударо дар бар мегирад. Дар харитаи роҳ иқдому ташаббусҳои асосии роҳандозишаванда, ки ҳамчун дастур барои татбиқи онҳо мусоидат мекунанд, пешбинӣ шудаанд:

### 8.1. Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳияи қонунгузорӣ

- **Тақвияти иқтидори мақоми назорати суғуртавӣ**: мутобиқ намудани иқтидори танзимию назоратии мақоми назорати суғуртавӣ

ба таҷриба ва талаботи муосир барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки низоми суғурта имконияти мусоид фароҳам меорад.

- **Бозбинӣ кардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ**: такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории низоми суғурта мутобиқи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ, таъмини устувории молиявӣ, пардохтпазирии низом ва рақобати солим мусоидат менамояд.
- **Таҳияи талаботи мушаххас барои иҷозатномадиҳӣ**: муайян ва мушаххас кардани шарту талаботҳои иҷозатномадиҳӣ ба ҳамаи иштирокчиёни касбии бозори суғурта ва филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ бо мақсади таъмини эътимод ва фаъолияти шаффофи онҳо.

## 8.2. Рушди низом ва диверсификатсия

- **Мусоидат ба воридшавии ташкилотҳои нав ба низом**: ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба низоми суғурта барои беҳтар кардани рақобат ва сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ.
- **Диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ**: таҳияи хизматрасониҳои суғуртавии гуногун, аз ҷумла суғуртаи офатҳои табиӣ, кишоварзӣ, суғуртаи тиббӣ, ҳаёт, суғуртаи исломӣ (такафул), амвол ва дигар намудҳои суғурта, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти қишрҳои гуногуни аҳолии кишвар зарур мебошанд.
- **Тавсеаи дастрасии хизматрасониҳои суғуртавӣ ба деҳот ва минтақаҳои дурдаст**: татбиқи ташаббусҳои зиёд кардани дастрасӣ ба хизматрасонии суғуртавӣ барои ҷамоатҳои деҳот, ки ба қадри кофӣ хизматрасонӣ намешаванд, тавассути истифодаи нуқтаҳои суғуртаи мобилӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои шарикӣ бо бонкҳо ё дигар ташкилотҳои маҳаллӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ.
- **Таъсиси фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт:** ворид намудани тағйиру

иловаҳои дахлдор ба қонунгузории соҳавӣ оид ба таъсиси фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт. Муайян намудани доираи фарогирӣ, ҳадаф ва фаъолияти фонд дар доираи қонуни соҳавӣ, муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи тарафҳои манфиатдор, муайян намудани сохтори молиявӣ ва механизмҳои маблағгузорӣ, идоракунӣ ва таъмини манфиатҳои иҷтимоии онҳо.

- **Гузариши тадриҷӣ ба назорати ба хавф нигаронидашуда:** гузариши тадриҷӣ ба назорати ба хавф нигаронидашуда ва татбиқи стандартҳои байналмилалии Solvency II дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини суботи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои суғурташавандагон.

**8.3. Рушди технологияҳои муосир**

- **Таҳаввулоти рақамӣ**: мусоидат ба раванди ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар низоми суғурта, аз ҷумла платформаҳои фурӯши онлайн, барномаҳои мобилӣ ва коркарди рақамии аризаву даъвоҳо барои беҳтар кардани дастрасӣ ва самаранокии хизматрасониҳои суғуртавӣ.
- **Қоидаҳои ҳифзи маълумот**: муқаррар намудани қоидаҳои муътамади ҳифзи маълумот бо мақсади баланд бардоштани сатҳи боварии истеъмолкунандагон дар истифодаи хизматҳои суғуртаи рақамӣ.

**8.4. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва саводнокии молиявӣ**

- **Баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон**: ташкили механизми сода ва дастрас ҷиҳати баррасии аризаву даъвоҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ҳалли баҳсҳо дар низоми суғурта.
- **Барномаҳои саводнокии молиявӣ**: мавриди истифода қарор додани барномаҳои маҷмуии саводнокии молиявӣ барои огоҳонидани аҳолӣ дар бораи муҳиммият ва афзалиятҳои суғурта, чӣ

гуна кор кардани онҳо ва интихоби дурусти хизматрасониҳои суғуртавӣ.

### 8.5. Такмили ихтисос ва рушди салоҳияти касбӣ

- **Омӯзиш ва таълим**: таҳияи барномаҳои омӯзишӣ барои мутахассисони низоми суғурта бо мақсади сайқал додани малакаҳои онҳо дар арзёбии хавфҳои суғуртавӣ, муайянсозии андозаи зарар, идоракунии дурусти захираҳои суғуртавӣ, баҳисобгирии актуарӣ, хизматрасониҳои суғуртавӣ ва дар сатҳи зарурӣ қонеъ гардонидани талаботҳои муштариён.
- **Ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ**: ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва муассисаҳои касбии дохилию хориҷӣ барои пешниҳоди курсҳои махсусгардонидашудаи соҳавӣ ва дараҷаҳои илмӣ дар соҳаи суғурта, хусусан дар самти фаъолияти актуарӣ.

### 8.6. Шарикӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ

- **Ҳамкориҳои байналмилалӣ**: дарёфти роҳҳои роҳандозии муносибатҳои шарикӣ бо ташкилотҳои суғуртавии байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои алоқаманди соҳавӣ барои табодули таҷриба ва бардошти донишу малакаи муосир.
- **Шарикии давлат ва бахши хусусӣ**: ҳавасмандгардонии шарикӣ байни бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ барои дарёфти роҳи ҳалли мушкилотҳои иқтисодию иҷтимоӣ тавассути соҳаи суғурта, хусусан дар самти пешгирии оқибатҳои офатҳои табиӣ, таъмини самаранокии фаъолияти кишоварзӣ ва соҳибкории хурду миёна нақши муҳим дорад.

### 8.7. Мониторинг, арзёбӣ ва тасҳеҳ

**Бозбиниҳо ва навгониҳои мунтазам**: бозбинии мунтазами сиёсат ва стратегияҳо барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи низоми суғурта, дастовардҳои технологӣ ва талаботҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ. Корбарӣ дар самти автоматикунонии равандҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии

ташкилотҳои суғуртавӣ ба БМТ ва таҳияву такмили нақшаи амал дар ҳолатҳои фавқулода ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва ғайра барои таъмини муттасилии фаъолияти БМТ ва барқарорсозии маълумотҳои оморӣ.

**8.8. Нақшаи амал барои мувофиқсозии харитаи стратегии роҳ**

Нақшаи амал ба харитаи пешниҳодшудаи роҳ асос ёфта, уҳдадориҳо ва мӯҳлатҳои пешбинишударо муайян менамояд ва барои банақшагирии ҳамаҷонибаи минбаъда замина фароҳам меорад.

**1) Заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳияи сиёсат**

**1.1. Тақвияти иқтидори мақоми назорати суғуртавӣ**

**Ҳадаф:** такмили сохтори идораи назорати суғуртавии БМТ ва баланд бардоштани салоҳияти касбии кормандон

**Амалҳо**: мукаммал намудани сохтори идораи назорати суғуртавӣ, гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ барои кормандон ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави танзимкунанда

**Мӯҳлат**: соли 2026

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон

**1.2. Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ**

**Ҳадаф**: бозбинии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи низоми суғурта

**Амалҳо**: мутобиқ намудан қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи низоми суғурта ба стандартҳои байналмилалӣ бо роҳи таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав

**Мӯҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор

**1.3. Таҳияи талаботи мушаххаси иҷозатномадиҳӣ**

**Ҳадаф**: мушаххас намудани раванди иҷозатномадиҳии фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта, филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ, инчунин дигар иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи хориҷӣ.

**Амалҳо**: таҳияи талаботҳои муайян ва мушаххас барои баррасии раванди пешниҳоди дархостҳо, хусусан дархостҳои электронӣ ҷиҳати гирифтани иҷозатнома

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон

**2) Рушди низом ва диверсификатсия**

**2.1. Мусоидат ба воридшавии ташкилотҳои нав ба низом**

**Ҳадаф**: зиёд намудани шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ, ки намудҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ва суғуртаи ҳаётро амалӣ менамоянд

**Амалҳо**: ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба низоми суғурта барои беҳтар кардани рақобат ва сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор

**2.2. Диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ**

**Ҳадаф:** ҷорӣ намудани хизматрасониҳои суғуртавии нав ва муосир

**Амалҳо**: тадқиқоти бозор, таҳияи хизматрасониҳои суғуртавӣ, санҷиши озмоишӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсия ва Бонки миллии Тоҷикистон

**2.3. Тавсеаи дастрасии хизматрасониҳои суғуртавӣ ба деҳот ва минтақаҳои дурдасти хизматрасонинашаванда**

**Ҳадаф**: **дастрасӣ ба деҳот ва минтақаҳои дурдасти хизматрасонинашаванда**.

**Амалҳо**: истифодаи суғуртаи сайёр, шарикӣ бо бонкҳо ё дигар ташкилотҳои маҳаллӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсия, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор

**2.4. Таъсиси фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт**

**Ҳадаф**: таъмини субот ва устувории дарозмуддати низоми суғурта

**Амалҳо**: ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунгузории соҳавӣ оид ба таъсиси фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт. Муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои манфиатдор. Муайян намудани сохтори молиявӣ ва механизмҳои маблағгузорӣ. Таъмини идоракунӣ ва манфиатҳои иҷтимоӣ.

**Муҳлат**: солҳои 2026-2027

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор

**2.5. Гузариш ба назорати ба хавф нигаронидашуда**

**Ҳадаф**: татбиқи амалии назорати ба хавф нигаронидашуда

**Амалҳо**: ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунгузории соҳа, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омӯзонидани нозирон-санҷишгарон ва татбиқи марҳила ба марҳилаи раванди гузариш

**Муҳлат**: солҳои 2026-2027

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон

**3) Рушди технологияҳои муосир**

**3.1. Таҳаввулоти рақамӣ**

**Ҳадаф**: рақамикунонии равандҳои фаъолияти суғуртавӣ

**Амалҳо**: таҳияи платформаҳои рақамӣ, истифодаи имзоҳои электронӣ ва коркарди онлайни аризаву даъвоҳо

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсия, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор

**3.2. Қоидаҳои ҳифзи маълумот**

**Ҳадаф**: таъмини ҳифзи маълумоти истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ

**Амалҳо**: ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунгузории соҳа, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон

**4) Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва саводнокии молиявӣ**

**4.1. Тақвият бахшидани сатҳи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ**

**Ҳадаф**: такмил додани механизмҳои баррасии арзу шикоятҳо ва даъвоҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ

**Амалҳо**: такмили расмиёти баррасии арзу шикоятҳо ва анҷом додани корҳо барои саводнокии молиявӣ тавассути

чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва семинару конфронсҳои алоқаманди соҳавӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор

**5) Такмили ихтисос ва рушди салоҳияти касбӣ**

**5.1. Омӯзиш ва таълим**

**Ҳадаф**: такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи суғурта

**Амалҳо**: таҳия ва татбиқи барномаҳои омӯзишӣ, баргузории машғулиятҳои омӯзишӣ ва семинарҳо

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсия ва Бонки миллии Тоҷикистон

**5.2. Ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ**

**Ҳадаф**: мусоидат ба таълим дар соҳаи суғурта, хусусан дар самти фаъолияти актуарӣ

**Амалҳо**: таҳияи барномаҳои махсусгардонидашудаи таълимӣ, фароҳам овардани имкониятҳои коромӯзӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ

**6) Шарикӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ**

**6.1. Ҳамкории байналмилалӣ**

**Ҳадаф**: истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ

**Амалҳо**: ба роҳ мондани муносибатҳои байналмилалӣ, иштирок дар чорабиниҳо ва форумҳои байналмилалии соҳаи суғурта

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ

**6.2. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ**

**Ҳадаф**: дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ тавассути соҳаи суғурта

**Амалҳо**: муайян намудани имкониятҳои шарикӣ, татбиқи лоиҳаҳои пилотӣ

**Муҳлат:** солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор

**7) Мониторинг, арзёбӣ ва тасҳеҳ**

**7.1. Таҳияи нишондиҳандаҳои самаранокӣ**

**Ҳадаф**: пайгирии пешрафти фаъолияти низоми суғурта

**Амалҳо**: муайян кардани нишондиҳандаҳои ченакӣ, таҳияи системаҳои ҳисоботдиҳӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон

**7.2. Бозбиниҳо ва таҷдиди мунтазам**

**Ҳадаф**: боварӣ ба самаранокӣ ва ҳадафҳои стратегия

**Амалҳо**: бознигарии ҳарсола ва тасҳеҳи стратегия дар ҳолати зарурӣ

**Муҳлат**: солҳои 2026-2030

**Масъул**: Бонки миллии Тоҷикистон

8) Самтҳои асосии амалигардонии «Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» дар Нақшаи чорабиниҳои амалисозии «Стратегияи

Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» ба тавр мушаххас пешбинӣ шудааст (замима мегардад).

## 9. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГӢ

Барои мусоидат ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ принсипҳои асосии стратегӣ ҳамчун самтҳои асосӣ муайян карда шудаанд. Принсипҳои стратегии мазкур амалишаванда буда, барои ҳалли мушкилоти асосии рушди низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд. Ин принсипҳо ташаббусҳои нисбатан муҳимро фаро гирифта, иловатан имкон медиҳанд, ки дар ҳолати зарурӣ принсипҳои иловагӣ барои таъмини фарогирии ҳамаҷонибаи ниёзҳои тағйирёбандаи низоми суғурта ворид карда шаванд.

Ҳар як принсип ҳадафи ҳисобшаванда низ дорад, ки имкон медиҳад пешрафт ва татбиқи амалии он бо ифодаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва омории соҳавӣ пайгирӣ карда шавад. Ба миён гузоштани чунин нишондиҳандаҳои рақамӣ ба ҷонибҳои манфиатдори низоми суғуртаи Тоҷикистон имкон медиҳад, ки саъю кӯшиши худро ба ҳадафҳои мушаххасу дастрас равона сохта, ба ҳамоҳангсозии амалҳо дар низом барои ҳавасмандгардонии рушди он мусоидат намоянд.

### 9.1. Афзоиши сатҳи фарогирӣ ва воридшавӣ ба низом

**Вазифа:** ба таври назаррас зиёд кардани воридшавии суғурта ба низом (ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавӣ нисбат ба ММД) ва дараҷаи фарогирии суғурта (мукофот ба ҳар сари аҳолӣ)

**Асос:** сатҳи нисбатан баланди воридшавӣ ба низом ифодагари ташаккули низоми комил ва фарогир мебошад, фарогирии нисбатан бештар ва рушди амиқтари низоми суғуртаро инъикос менамояд.

**Ҳадафҳои мусоидаткунанда:** ин принсип дар маҷмуъ ба ҳамаи ҳадафҳо барои ташаккули низоми комил ва фарогир мусоидат

мекунад, аз ҷумла бо «Инноватсия ва диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ», «Дастрасии деҳот ва минтақаҳои дурдасте, ки ба қадри кофӣ хизматрасонӣ намешаванд» ва «Саводнокии молиявӣ ва омӯзиши истеъмолкунандагон» зич алоқаманд аст

**Ҳадаф**: то соли 2030 расидан ба сатҳи воридшавии суғурта то 1,0 фоиз ва фарогирии суғурта то 5 доллари ИМА ба ҳар сари аҳолӣ

**9.2. Афзоиши диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ**

**Вазифа**: тавсеаи доираи хизматрасониҳои суғуртавии дастрас, ки метавонанд ниёзҳои гуногуни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, аз ҷумла дар самти суғуртаи хурд, суғуртаи бонкӣ, суғуртаи кишоварзӣ, суғуртаи тиббӣ, суғуртаи исломӣ (такафул) ва суғуртаи хавфи офатҳои табиӣ қонеъ намоянд

**Асос**: пешниҳодҳои гуногун оид ба хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки хавфҳо ва ниёзҳои мушаххаси аҳолиро ба назар гирифта, ба амнияти молиявии қишрҳои гуногуни аҳолӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунанд

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: инноватсия ва диверсификатсияи хизматрасониҳои суғуртавӣ

**Ҳадаф**: то соли 2030 ҷорӣ намудани ҳадди ақал чор намуди хизматрасониҳои суғуртавии нав, аз ҷумла суғуртаи хурд, суғуртаи кишоварзӣ, суғуртаи исломӣ (такафул) ва суғуртаи офатҳои табиӣ

**9.3. Такмили раванди пардохту ҷубронҳои суғуртавии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт**

**Вазифа**: ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон барои таъмини кафолати пардохту ҷубронҳои марбут ба суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла зарар ба ҳаёт, молу мулк ва осеби ҷисмонӣ

**Асос**: содда кардани раванди баррасии аризаву даъвоҳои суғуртавӣ, ки ба аҳолӣ ҳангоми истифодаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт манфиат меоварад ва ба ин васила онҳоро аз хусуси афзалиятҳо ва манфиатҳои ин намуди суғуртаи ҳатмӣ огоҳ месозад

**Ҳадафҳои мусоидаткунанда**: рақобати солим дар низом, рушди устувори низом, саводнокии молиявӣ ва омӯзонидани истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ

**Ҳадаф**: то соли 2030 тибқи талаботи қонунгузорӣ таъмин намудани фурӯши полисҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар низом ва баргузор намудани чорабиниҳои дарозмуддати дастраси умум бо иштироки ҳадди ақал 20,0 фоизи аҳолии калонсол. Ин чорабиниҳо соҳибони воситаҳои нақлиётро огоҳ менамоянд, ки дар кадом ҳолат ҳуқуқи гирифтани пардохту ҷубронҳои суғуртавиро доранд ва чӣ тавр ба он дастрасӣ пайдо карданро меомӯзонад.

### 9.4. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ

**Вазифа**: зиёд намудани дастрасӣ ба хизматрасонии суғуртавӣ дар саросари кишвар, бахусус дар деҳот ва минтақаҳои дурдасте, ки ба қадри кофӣ хизматрасонӣ намешаванд.

**Асос**: таъмини дастрасии бештари хизматрасонии суғуртавӣ барои афзоиши фарогирии молиявӣ ва ҳимояи ҳимояи бештари истеъмолкунандагон аз хавфҳои гуногун.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: беҳтар кардани дастрасӣ ба деҳот ва минтақаҳои дурдасте, ки ба қадри кофӣ хизматрасонӣ намешаванд

**Ҳадаф**: бештар намудани дастрасии хизматрасониҳои суғуртавӣ бо фарогирии иловагии 10 фоизи аҳолии деҳот ва минтақаҳои дурдаст бо хизматрасониҳои суғуртавӣ дар давоми се соли оянда.

**9.5. Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ**

**Вазифа**: таҳия ва татбиқи заминаи устувори меъёрии ҳуқуқӣ, ки рушди низоми суғурта ва ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагонро таъмин менамояд.

**Асос**: муҳити устувори меъёрии ҳуқуқӣ барои нигоҳ доштани суботи низом, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва таъмини ҳимояи истеъмолкунандагон нақши муҳим дорад.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: ислоҳоти қонунгузорӣ ва пешбурди сиёсат

**Ҳадаф**: то соли 2030 қабул ва мавриди истифода қарор додани санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи соҳа, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ, суботи низом ва инноватсия нигаронида шудаанд.

**9.6. Баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва омӯзиши истеъмолкунандагони хизматрасонии суғуртавӣ**

**Вазифа**: роҳандозии барномаҳои ҳамаҷониба барои баланд бардоштани сатҳи фаҳмиш ва эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ

**Асос**: баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ва огоҳии аҳолӣ метавонад талаботро ба хизматрасониҳои суғуртавӣ афзоиш дода, ба истеъмолкунандагон имкон диҳад, ки барои эҳтиёҷот ва эътимоди худ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ қарорҳои дахлдор қабул намоянд.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: саводнокии молиявӣ ва омӯзонидани истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ.

**Ҳадаф**: то соли 2030 амалӣ намудани барномаҳои саводнокии молиявӣ дар соҳаи суғурта бо иштироки ҳадди ақал 10 фоизи аҳолии калонсол

### 9.7. Истифодаи технологияҳои муосир барои беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо

**Вазифа**: мусоидат ба раванди ҷорӣ гардидани истифодаи технологияҳои рақамӣ барои сода гардонидани амалиётҳои суғуртавӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ ба муштариён ва пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавии инноватсионӣ.

**Асос**: навовариҳои рақамӣ метавонад самаранокиро зиёд намуда, хароҷотро коҳиш диҳад ва дастрасии муштариёнро беҳтару хубтар созад.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: навовариҳои рақамӣ ва дастрасӣ ба деҳот ва минтақаҳое, ки ба қадри кофӣ хизматрасонӣ намешаванд.

**Ҳадаф**: татбиқи платформаҳои рақамӣ ва барномаҳои мобилӣ барои идоракунии полисҳои суғуртавӣ, пешниҳод ва баррасии аризаву даъвоҳои суғуртавӣ ва ноил шудан ба ҳиссаи 30 фоизи амалиётҳои рақамӣ то соли 2030.

**9.8. Мусоидат ба рушди низоми суғуртаи рақобатпазир ва устувор**

**Вазифа**: мусоидат ба фароҳам овардани муҳити рақобати солим, ки рушди инноватсия, зиёд кардани самаранокӣ ва устувори низоми суғуртаро таъмин менамояд

**Асос**: бозори рақобатпазир метавонад ба беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ барои истеъмолкунандагон, инчунин устуворӣ ва навоварӣ дар байни ташкилотҳои суғуртавӣ оварда расонад.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: рақобати низом ва рушди устувор

**Ҳадаф**: то соли 2028 бо мақсади таъмини рақобати солим ва мусоидат ба раванди рақамикунонии соҳа, амалисозии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт, то теъдоди ҳафт суғуртакунандаи фаъол расонидан ва дар низом фаъол намудани ду ташкилоти суғуртавӣ дар самти суғуртаи ҳаёт

**9.9. Таъмини устувори низоми суғурта**

**Вазифа**: ташаккули низоми суғуртаи устувор бо таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои суғурташавандагон ҳангоми номуайян будани ронанда, надоштани полиси суғуртавӣ ва дигар ҳолатҳои муайян, инчунин муфлисшавии ташкилотҳои суғуртавие, ки дар намуди суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт фаъолият мекунанд.

**Асос**: Фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт эътимоду боварии истеъмолкунандагонро ба низоми суғурта зиёд намуда, устувории онро таъмин менамояд.

**Ҳадафи мусоидаткунанда:** суботи низоми суғурта

**Ҳадаф**: бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва кафолати давлатӣ Фонди кафолати суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт таъсис дода мешавад.

**9.10. Такмили иқтидори инсонӣ ва салоҳияти касбӣ**

**Вазифа**: баланд бардоштани сатҳи тахассус ва донишу малакаи мутахассисони низоми суғурта тавассути барномаҳои мақсаднок ва махсусгардонидашудаи таълимию омӯзишӣ

**Асос**: барои таҳияи хизматрасониҳои суғуртавии инноватсионӣ, идоракунии самараноки хавфҳои суғуртавӣ ва пешниҳоди хизматрасонии босифат ба муштариён мутахассисони баландихтисос ва варзида лозиманд.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: зиёд кардани иқтидор ва рушди салоҳияти касбии мутахассисони соҳа.

**Ҳадаф**: омӯзонидан ва додани сертификат ба 25 мутахассиси махсуси соҳаҳои суғурта, аз қабили актуарӣ – 5 нафар то соли 2028, андеррайтер – 5 нафар то соли 2027, адҷастерҳои суғуртавӣ – 10 нафар то соли 2027 ва сюрвейрҳои суғуртавӣ, ки аз принсипҳои азнавсуғуртакунӣ огоҳанд – 5 нафар то соли 2028.

**9.11. Баланд бардоштани сатҳи химояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ**

**Ҳадаф**: ташкили механизмҳои муосири бехатарии суғурташавандагон тавассути таъсис додани фонди кафолат барои таъмини пурраи пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ ҳангоми номуайян будани ронанда, надоштани полиси суғуртавӣ, инчунин ҳангоми муфлисшавии ташкилотҳои суғуртавӣ ва дигар ҳолатҳои муайян

**Асос**: чунин чораҳои бехатарӣ, аз қабили мавҷудияти фонди кафолатӣ эътимоди муштариёнро ба суғурта зиёд намуда, мутаносибан ба рушди низоми суғурта дар кишвар мусоидат мекунад.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: рақобати низом ва рушди устувор.

**Вазифа**: то соли 2026 таъсис додани Фонди кафолати пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ.

**9.12. Мусоидат барои дастрасӣ ба низомҳои суғуртаи байналмилалӣ ва истифодаи амалияи пешрафта**

**Вазифа**: вусъат додани ҳамкорӣ ва шарикӣ бо суғуртакунандагон ва созмонҳои байналмилалӣ барои дастрасӣ ба амалия ва низомҳои суғуртаи ҷаҳонӣ.

**Асос**: ҳамкории байналмилалӣ барои омӯзиши таҷриба, ҷалби сармоягузорӣ ва инноватсия ба низоми суғуртаи миллӣ ба рушд ва ҳамгироии он бо низомҳои суғуртаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

**Ҳадафи мусоидаткунанда**: ҳамкориҳои байналмилалӣ ва табодули таҷриба.

**Вазифа**: то соли 2027 шомил шудан ба Ташкилоти байналмилалии мақомҳои назорати суғуртавӣ (IAIS) ва

муайян намудани ҳадди ақал се шарики стратегӣ ё ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои суғуртавии байналмилалӣ ё созмонҳо барои дастрасӣ ба табодули таҷриба ва донишу малакаи касбӣ.

## 10. МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ТАТБИҚ

Вазифаҳои дар боло ишорашуда дар асоси таҳлили муфассали вазъи кунунии низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори рушд ва имкониятҳои ояндаи он муайян карда шуда, ба даст овардани онҳо дар муҳлатҳои муайяни вақт бо дарназардошти дурнамои воқеӣ ва мусбат имконпазир мебошад.

Ҳадафҳо мушаххас, андозашаванда, дастрас, муҳим ва аз рӯйи таъйини муҳлати вақт мувофиқ буда, ки самти самараноки амалҳо ва андозагирии пешрафтҳоро кафолат медиҳанд.

Барои ноил шудан ба принсипҳои дар боло зикршуда ҳамкориҳои мутақобилона бо мақомоти танзимкунандаи давлатии низоми молиявӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор тақозо карда мешавад.

Татбиқи ташаббусҳои стратегӣ, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо нигаронида шудаанд, ба рушду такмили низоми суғурта ва ниҳоят ба таъмини суботи бахши молиявию иқтисодии кишвар ва беҳтар гардидани некуаҳволии шаҳрвандони он мусоидат хоҳад кард.

Барои арзёбии пешрафт дар самти ноил шудан ба ҳадафҳо мониторинг ва арзёбии мунтазам гузаронда мешавад. Ҳангоми зарурат бо мақсади ҳалли мушкилот ва истифода аз имкониятҳои пайдошаванда ба стратегия тағйиру иловаҳо ворид мегарданд.